*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум



Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №45-46 (2872-2873) | ПАНҶШАНБЕ, 19 АПРЕЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## Ифтитоҳи филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе

**17 апрели соли 2012 бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бинои филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ ёфт.**

Хотиррасон бояд намуд, ки ин филиали дуюмин муассисаи таҳсилоти олии Федератсияи Россия аст, ки дар Тоҷикистон ифтитоҳ меёбад. Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС дар заминаи Донишкадаи пӯлод ва хӯлаи Москва таъсис ёфта, дорои шӯҳрати ҷаҳонӣ мебошад ва яке аз бонуфузтарин муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Федератсияи Россия ба шумор меравад.

Дар маросими ифтитоҳи ин муассисаи таълимӣ, намояндаи махсуси Президенти Федератсияи Россия, роҳбари Агентии федералӣ доир ба ҳамкории гуманитарӣ бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Константин Косачев, ректори Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС Дмитрий Ливанов ва масъулони соҳаҳои маориф ва саноату энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Зимни шиносоӣ бо шароити таълимии дар ин бинои шашошёна муҳайёгашта, аз ҷумла зикр гардид, ки соли равон барои таҳсил дар ин филиал аллакай то 500-600 нафар донишҷӯён барои таҳсил қабул карда мешаванд. Тибқи нақшаи дурнамо, шумораи донишҷӯён дар ин ҷо бояд то ба ҳазор нафар расонда шавад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки барои таъмини фаъолияти бемонеа ва босамари ин муассисаи таълимӣ дар муддати кӯтоҳ як бинои иловагии таълимӣ ва хобгоҳи муосир низ омода карда шавад.

Изҳори умед карда шуд, ки минбаъд дар ин ҷо на танҳо донишҷӯён аз Тоҷикистон, балки дигар кишварҳои минтақа низ таҳсили илм хоҳанд кард, зеро заминаи моддию техникии таълимии он аллакай ба пешқадамтарин шароити ҷаҳонӣ ҷавобгӯ аст ва минбаъд боз ҳам такмил хоҳад ёфт. Таъкид гардид, ки парки техникии филиал ҳар чӣ зудтар омода карда шавад ва аз пойгоҳи Корхонаи саноатии «Тоҷиктекстилмаш» низ васеъ истифода баранд.

Ҳоло ин бинои таълимӣ дорои синфхонаҳои компютерӣ, лингофонӣ, озмоишгоҳҳои гуногуни кимиёӣ, физикӣ ва физикию кимиёӣ, китобхонаи электронии пайваст ба шабакаи ҷаҳонии интернет ва дигар шароити муосир буда, барои таълиму тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои энергетика, саноат, металлургия, геология, кӯҳкорӣ ва ғайра омода аст.

Барои таълими босифати донишҷӯён беҳтарин омӯзгорон аз Ҷумҳурии Тоҷикистону Федератсияи Россия ҷалб карда мешаванд. Ҳамчунин шароити зарурии техникӣ барои таҳсили фосилавӣ низ муҳайё аст. Бо истифода аз ин таҷҳизот омӯзгорон аз Москва истода ба донишҷӯёни тоҷик дарс медиҳанд.



Пешниҳоди Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон доир ба ташкили таҷрибаомӯзии тобистонаи донишҷӯёни тоҷик дар парки техникии Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС дар шаҳри Москва хуб пазируфта шуд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар ҷамъомади тантанавии бахшида ба ифтитоҳи филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС дар шаҳри Душанбе ҳозирин ва мардуми ҷумҳуриро бо ин рӯйдоди фараҳбахш шодбош гуфта, дурнамои ҳамкории фарҳангӣ ва илмию маърифатии Ҷумҳурии Тоҷикистону Федератсияи Россияро дорои дурнамои умедбахш арзёбӣ намуд. Иттилоъ дода шуд, ки дарояндаи наздик дар Тоҷикистон, филиали Донишкадаи энергетикии Москва низ ифтитоҳ меёбад.

Намояндаи махсуси Президенти Федератсияи Россия, роҳбари Агентии федералӣ доир ба ҳамкории гуманитарӣ бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Константин Косачев ва ректори Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС Дмитрий Ливанов зимни суханронии худ аз робитаи 80 – солаи ин муассисаи таълимӣ бо Тоҷикистон ва ҳазорон таҳсилкардаи тоҷики он ёдовар шуда, изҳори боварӣ карданд, ки филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС дар шаҳри Душанбе минбаъд на танҳо ба Тоҷикистон, балки ба кулли кишварҳои минтақа хизмат хоҳад кард.

*www.prezident.tj*

**● Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**



## Вориди тағйиру иловаҳо тақвиятбахши бештари риоя ва татбиқи қонунҳои ҷорӣ мебошанд

**18 апрели соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо дарбаргирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:

**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ»**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС:** - Ба муҳокимаи масъалаҳои ҷаласа шурӯъ менамоем. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Расулов Ашӯрбег Раҳматуллоевич дода мешаванд.

**Ашӯрбег РАСУЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» бо мақсади аз байн бурдани мухолифати байни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Раҷабов ва Ашӯрбег Расулов бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ таҳия гардидааст.



Моҳи августи соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» қабул гардида, тибқи моддаи 47 қонуни зикргардида Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» аз эътибор соқит дониста шудааст. Вале дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» номи қонуни аз эътибор соқит донисташуда боқӣ мондааст.

Ҳамчунин бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ ба Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ табдил дода шудааст, вале ин тағйирот низ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ворид карда нашудааст.

**(Идома дар саҳ. 2)**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 29 феврали соли 2012 №698**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №281**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №9, мод. 68; мод. 69; №22, мод. 306; с. 1999, №12, мод. 316; с. 2001, №4, мод. 149; мод. 167; с. 2002, №11, мод. 675; мод. 750; с. 2003, №8, мод. 456; мод. 468; с. 2004, №5, мод. 346; №7, мод. 452; мод. 453; с. 2005, №3, мод. 126; №7, мод. 399; №12, мод. 640; с. 2007, №7, мод. 665; с. 2008, №1, қ. 1, мод.3; №6, мод. 444; мод. 447; №10, мод. 803; №12, қ. 1, мод. 986; №12, қ. 2, мод. 992; с. 2009, №3, мод. 80; №7-8, мод. 501; с. 2010, №3, мод. 155; №7, мод. 550; с. 2011, №3, мод. 161; №7-8, мод. 605), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 117:

- дар қисми 2:
- банди ж) хориҷ карда шавад;
- банди з) банди ж) ҳисобида шавад;
- эзоҳи модда хориҷ карда шавад.

2. Ба Кодекс моддаи 143[1] бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«**Моддаи 143[1]. Шиканҷа**

1) Қасдан расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ, ки аз ҷониби шахсе, ки таҳқиқ ё тафтишоти пешакӣ мегузаронад ё шахси мансабдори дигар ё бо таҳрики онҳо ё розигии хомӯшонаи онҳо ё бо огоҳӣ доштани онҳо аз ҷониби шахси дигар, бо мақсади аз шахси таҳти шиканҷа карордошта ё шахси сеюм гирифтани маълумот ё иқроршавӣ ё ҷазо додани ӯ барои ҳаракате, ки содир намудааст ё дар содир намудани он гумонбар шудааст, инчунин тарсонидан ё маҷбур кардани ӯ ё шахси сеюм ё бо сабаби дигаре, ки ба ҳар гуна табъиз (дискриминатсия) асос ёфтааст, содир шудааст, -

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

в) нисбати зане, ки ҳомиладории ӯ барои гунаҳгор аён аст ё шахси баръало ноболиғ ё нисбати маъюб;

г) бо расонидани зарари миёна ба саломатӣ содир шуда бошад, -

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ва дуюми ҳамин модда, агар:

а) бо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ содир шуда бошанд;

б) аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида ё боиси дигар оқибатҳои вазнин гардида бошанд, -

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз даҳ то понздаҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешаванд.».

3. Дар моддаи 179[2]:

- ба санксияи қисми 1 пас аз калимаҳои «бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳ сол» калимаҳои «бо мусодираи молу мулк» илова карда шаванд;

- дар қисми 2:

- дар банди в) калимаҳои «содир шуда бошанд» хориҷ карда, аломатҳои вергул ва дефис «,-» ба аломати нуқта вергул «;» иваз карда шаванд;

- банди г) бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«г) бо истифодаи даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаи қонунигардонидашуда (расмикунонидашуда) содир шуда бошанд, -»;

- ба санксияи қисм пас аз калимаҳои «бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз даҳ то понздаҳ сол» калимаҳои «бо мусодираи молу мулк» илова карда шаванд;

- ба санксияи қисми 3 пас аз калимаҳои «бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз понздаҳ то бист сол» калимаҳои «бо мусодираи молу мулк» илова карда шаванд.

4. Моддаи 262 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 262. Қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда**

1) Анҷом додани амалиёти молиявӣ ё дигар аҳдҳо бо маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулке, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд ё мусоидат намудан ба шахсе, ки дар содир намудани ҷинояти асосӣ иштирок намудааст, бо мақсади махфӣ нигоҳ доштан ё пинҳон намудани хусусияти аслӣ, манбаъ, маҳалли ҷойгиршавӣ, тарзи ихтиёрдорӣ, аз ҷо ба ҷо гузаронидан, тааллуқдорӣ ё ҳуқуқи моликият, инчунин намуди қонунӣ додан ба соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдории ин маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк, -

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба ҳамин мӯҳлат ҷазо дода мешаванд.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

в) аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ;

г) ба миқдори калон содир шуда бошад, -

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ);

б) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошанд, -

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо мусодираи молу мулк ва маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешаванд.

**Эзоҳ:** 1) Шахсе, ки дар қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда иштирок кардааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳамин кирдор озод карда мешавад, агар ӯ пас аз содир намудани ҷиноят ихтиёрӣ омада, ба гуноҳи худ иқрор шуда, ба ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат кунад ва (ё) ихтиёран даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаашро супорида бошад.

2) Таҳти мафҳуми ба миқдори калон дар моддаи мазкур андозаи маблағҳои пулӣ ё арзиши молу мулке дар назар дошта шудааст, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ду ҳазор маротиба зиёдтар мебошад. Ба миқдори махсусан калон андозаи маблағҳои пулӣ ё арзиши молу мулке фаҳмида мешавад, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо панҷ ҳазор маротиба зиёдтар мебошад.

3) Маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ва дигар молу мулке, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, бо тартиби пешбининамудаи моддаи 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира карда мешаванд.».

5. Қисми 2 моддаи 354 хориҷ карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №808**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**

**ш.Душанбе, 21 декабри соли 2011 №623**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**

**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №286**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003 «Дар бораи реклама» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 457; с. 2007, №7, мод. 432; с. 2008, №10, мод. 824) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Матни пеш аз моддаи 1 ҳамчун муқаддима пеш аз калимаҳои «БОБИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ» навишта шуда, дар он калимаҳои «муҳити зист ё иззати нафс, шараф ё шӯҳрати меҳнатии» ба калимаҳои «тарзи ҳаёт, шаъну шараф ё эътибори кории», калимаи «қатъ» ба калимаи «манъ» ва калимаи «амволи» ба калимаҳои «молу мулки» иваз карда шаванд.

2. Рақамгузории бобҳо ба рақамҳои арабӣ иваз карда шавад.

3. Дар моддаи 2:

- дар сархати сеюм калимаи «аксулреклама» ба калимаҳои «рекламаи мутақобил» иваз карда шавад;

- сархати чорум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**рекламадиҳанда** - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки бо фармоиши он реклама таҳия ва паҳн карда мешавад;»;

- дар сархати шашум калимаи «амвол» ба калимаҳои «молу мулк» иваз карда шавад;

- сархати даҳум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**рекламаи иҷтимоӣ** – рекламаи ғайритиҷоратӣ, ки дар он тарзи ҳаёти солим, ҳифзи саломатӣ, ҳифзи табиат, амнияти аҳолӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ ифода шудааст;»;

- дар сархати сенздаҳум калимаи «саҳмгузорӣ» ба калимаи «сарпарастӣ», калимаи «саҳмгузор» ба калимаи «сарпараст» ва калимаи «амвол» ба калимаҳои «молу мулк» иваз карда шаванд;

- сархати чордаҳум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**саҳми сарпарастӣ** - пардохт барои реклама аз ҷониби сарпараст (рекламадиҳанда) ба кӯмакгиранда (паҳнкунандаи реклама).».

4. Дар моддаи 5:

- дар қисми якум калимаҳои «шинохташаванда бошад» ба калимаҳои «фаҳмида шавад» иваз карда шаванд;

- қисми чорум хориҷ карда шавад;

- аз қисми панҷум калимаҳои «мутаносибан бо ҳарфҳои хурд» хориҷ карда шаванд.

5. Ба сархати дуюми қисми якуми моддаи 6 баъд аз калимаи «эътибори» калимаи «кории» илова карда шавад.

6. Дар қисми дуюми моддаи 8 калимаҳои «иззати нафсу шараф ё эътибори» ба калимаҳои «шаъну шараф ё эътибори кории» иваз карда шаванд.

7. Дар сархати чоруми қисми якуми моддаи 11 калимаи «гузоришҳои» ба калимаи «барномаҳои» иваз карда шавад.

8. Қисми якуми моддаи 13 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Дар таркиби асарҳои аудиовизуалӣ бе ризоияти дорандагони ҳуқуқҳои молумулкии муаллиф ба чунин асарҳо ҷойгир намудани реклама манъ аст.».

9. Дар қисми шашуми моддаи 14 калимаи «амвол» ба калимаҳои «молу мулк» иваз карда шавад.

10. Дар моддаи 15:

- дар қисми якум калимаи «амвол» ба калимаҳои «молу мулк» иваз карда шавад;

- дар қисми сеюм калимаҳои «Вазорати алоқаи» ба калимаҳои «Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати» иваз карда шаванд.

11. Дар моддаи 16 калимаҳои «рекламаи махсус» ба калимаҳои «рекламаи иҷтимоӣ» иваз карда шаванд.

12. Дар ном ва матни моддаи 20 калимаҳои «саҳмгузорӣ», «Саҳмгузор» ва «Саҳмгузорӣ» мувофиқан ба калимаҳои «сарпарастӣ», «Сарпараст», «сарпараст» ва «Сарпарастӣ» иваз карда шаванд.

13. Дар сархатҳои якум ва дуюми қисми якуми моддаи 21 калимаи «волидон» ба калимаҳои «падару модар» иваз карда шавад.

14. Ба Қонун моддаи 22[1] бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«**Моддаи 22[1]. Ҳуқуқҳои рекламадиҳанда, истеҳсолкунанда ва паҳнкунандаи реклама**

Рекламадиҳанда, истеҳсолкунанда ва паҳнкунандаи реклама ҳуқуқ доранд бо ариза оид ба пурра ё қисман бекор кардани қарори мақоми ваколатдори давлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд муроҷиат намоянд.».

15. Дар моддаи 27:

- дар сархати дуюми қисми дуюм калимаи «аксулрекламаро» ба калимаҳои «рекламаи мутақобилро» иваз карда шавад;

- дар қисми чорум калимаҳои «созишнома бандад» ба калимаҳои «корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронад» иваз карда шаванд.

16. Дар моддаи 28:

- дар қисми якум калимаи «Созмонҳои» ба калимаи «Ташкилотҳои» иваз карда шавад;

- дар сархати якуми қисми дуюм калимаҳои «асноди меъёрию» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии» иваз карда шаванд.

17. Дар номи боби V калимаи «АКСУЛРЕКЛАМА» ба калимаҳои «РЕКЛАМАИ МУТАҚОБИЛ» ва калимаи «МАСЪУЛИЯТ» ба калимаи «ҶАВОБГАРӢ» иваз карда шаванд.

18. Дар моддаи 29:

- дар номи модда ва қисмҳои сеюм, панҷум, шашум ва ҳафтум калимаи «Аксулреклама» ва «аксулреклама» мувофиқан ба калимаҳои «Рекламаи мутақобил» ва «рекламаи мутақобил» иваз карда шаванд;

- дар қисмҳои якум ва дуюм калимаи «аксулрекламаро» ба калимаҳои «рекламаи мутақобилро» иваз карда шавад;

- дар қисмҳои якум, дуюм, сеюм ва чорум калимаи «вайронкор» ба калимаи «ҳуқуқвайронкунанда» иваз карда шавад;

- ба қисми чорум баъд аз калимаи «аст» калимаҳои «, ки аз ҳуқуқвайронкунанда талаб намояд, то ки ӯ» илова карда шаванд.

19. Дар моддаи 30:

- дар номи модда калимаи «Масъулияти» ба калимаи «Ҷавобгарии» иваз карда шавад;

- дар қисми якум калимаҳои «масъулият дорад» ба калимаҳои «ҷавобгар мебошад» ва калимаи «қонуншикании» ба калимаи «ҳуқуқвайронкунии» иваз карда шаванд;

- дар қисмҳои дуюм ва сеюм калимаҳои «масъулият дорад» ба калимаҳои «ҷавобгар мебошад» иваз карда шаванд;

- қисми чорум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Шахсоне, ки ҳуқуқ ва манфиатҳояшон дар натиҷаи рекламаи номуносиб вайрон карда шудааст, ҳуқуқ доранд бо тартиби муқарраргардида ҷиҳати рӯёнидани зарар, ҷуброни зиёни маънавӣ, раддияи расмии рекламаи номуносиб ба суд муроҷиат намоянд.».

20. Моддаи 31 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 31. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №812**

# Вориди тағйиру иловаҳо тақвиятбахши бештари риоя ва татбиқи қонунҳои ҷорӣ мебошанд

**(Идома аз саҳ. 1)**

Бинобар ин, бо лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба сархати чоруми қисми якуми моддаи сию панҷ, қисми сеюми моддаи панҷоҳ, сархатҳои чорум ва панҷуми қисми якуми моддаи сию панҷи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» тағйироти дахлдор ворид карда шудаанд. Инчунин дар моддаи сию панҷуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ба лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда тағйироти зерини хусусияти таҳриридошта ворид карда шудаанд:

- дар сархати якуми қисми якум калимаҳои «ё таъини» ба калимаҳои «ва фаъолияти»;

- дар сархати сеюми қисми як калимаи «Ҳукумат» ба калимаҳои «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шудаанд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Мутобиқи қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2012 таҳти № 1000 лоиҳаи қонуни мазкур барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонуни мазкур мутобиқи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи марҳилаҳои дахлдорро дар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин дар шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта, аз ҷониби онҳо ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфтааст.

Дар ҷаласаи васеи кумитаи масъул 11 апрели соли 2012 бо иштироки вакилони мутасаддии кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонун мавриди муҳокима қарор гирифта, аз тарафи онҳо пурра ҷонибдорӣ карда шудааст.

Бо назардошти нукоти зикргардида аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ба ҷонибдории қонуни пешниниҳодгардида овоз диҳед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Абдуҷаббор Ширинов дода мешавад.

**Абдуҷаббор ШИРИНОВ: - Мӯҳтарам вакилони халқ ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» бо мақсади мутобиқ намудани сархатҳои чорум ва панҷуми қисми 1 моддаи 35 ва қисми 3 моддаи 50 қонуни мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» пешниҳод шудааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» истинод оварда шудааст (дар сархатҳои чорум ва панҷуми қисми 1 моддаи 35 ва қисми 3 моддаи 50).

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» аз 2 августи соли 2011 бар ивази Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» қабул гардидааст ва дар он номи «Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» ба «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» иваз карда шудааст.



Тибқи лоиҳаи қонуни ба баррасии шумо пешниҳодшуда истинодҳои номбурда ислоҳ карда мешаванд.

Зарурати дар сархати якуми қисми 1 моддаи 35 иваз кардани калимаҳои «ё таъини мудири махсус» ба калимаҳои «ва фаъолияти мудири махсус» ба он асоснок мегардад, ки худи таъини мудири махсуси ташкилоти қарзии муфлисшаванда (бо қарори суд) хароҷотро пешбинӣ намекунад. Хароҷот ҳангоми фаъолияти мудири махсус ба вуҷуд меояд.

Қабули қонуни мазкур аз буҷети ҷумҳурӣ маблағгузориро талаб намекунад.

Хоҳишмандам лоиҳаи пешниҳодгардидаи қонун дастгирӣ карда шавад.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Саъдуллоев Ҳабибулло Наимович дода мешавад.

**Ҳабибулло САЪДУЛЛОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» бо мақсади ба амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» аз 26 декабри соли 2011 таҳти №785 пешниҳод мешавад.



Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» меъёрҳои ҳуқуқиро ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ба субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ додани шаҳодатномаи тахассусиро барои ҳуқуқи гузаронидани аудити экологӣ муайян кардааст.

Аммо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» додани ҳуҷҷати дахлдорро барои гузаронидани аудити экологӣ муайян накардааст, ки он мухолифи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» мебошад.

Бинобар ин, барои аз байн бурдани мухолифати ин ду қонуни зикршуда ва дар амал ҷорӣ намудани фаъолияти аудитори экологӣ зарурият ба амал омад, ки ба банди 5) моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» сархати шашум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«-шаҳодатномаи тахассусии аудитори экологӣ;».

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва қабули он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд.

Аз шумо, вакилони мӯҳтарам, хоҳиш менамоям, ки илова ба қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Маҳмудов Насрулло Раҳматҷонович дода мешавад.

**Насрулло МАҲМУДОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. Ҷонов ва Ҳ. Саъдуллоев пешниҳод шуда, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 1032 аз 23 январи соли 2012 барои таҳияи хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, ҳамчун кумитаи масъул супорида шудааст. Он дар ҳамаи зинаҳои баррасии лоиҳаи қонун мавриди муҳокима қарор гирифта, пурра ҷонибдорӣ гардида, ягон таклиф ҷиҳати такмил пешниҳод нашуд.



Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади аз байн бурдани мухолифати қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва «Дар бораи аудити экологӣ» ва дар амал ҷорӣ намудани фаъолияти аудитори экологӣ таҳия ва пешниҳод шудааст. Бо пешниҳоди лоиҳаи мазкур дар банди 5) моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» илова намудани сархати шашум дар таҳрири зерин пешбинӣ шудааст:

«- шаҳодатномаи тахассусии аудитори экологӣ;».

Бо қабули қонуни мазкур додани шаҳодатномаи тахассусии аудитори экологӣ ба салоҳияти Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда мешавад.

Кумитаи масъул рӯзи 11 апрели соли 2012 бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи васеъ гузаронида, лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ карда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мухолифат надорад. Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодмонбеков Фародбек Алиёрбекович дода мешавад.

**Фародбек ШОДМОНБЕКОВ: - Мӯҳтарам Раис! Раёсат, мӯҳтарам вакилони мардумӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади танзими ҳаракати нақлиёт дар роҳҳои кишвар, коҳиш додани сатҳи ҳодисаҳои роҳу нақлиёт, пурзӯр намудани таъсирнокии чораҳои пешгирии



ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, таъмини бехатарӣ ва амнияти шаҳрвандон таҳия ва пешниҳод шудааст.

Таҳлилҳои дурнамойӣ шаҳодат медиҳанд, ки рушди соҳаи нақлиёт, ба зиёдшавии теъдоди он (1,54 маротиба нисбат ба соли 2005) оварда расонида, ҳамзамон ба афзоиши ҳодисаҳои роҳу нақлиёт, монеаҳо барои ҳаракат, инчунин ба бадшавии вазъи экологии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, бахусус шаҳри Душанбе, ки вобаста ба хусусияти табиии ҷойгиршавиаш ба чунин бехатарӣ махсусан ниёз дорад, бевосита таъсир мерасонад.

Аз соли 2005 афзоиш ёфтани нишондиҳандаҳои садаманокӣ, аз ҷумла «хавфи нақлиётӣ» ва «хавфи иҷтимоӣ», инчунин нисбат ба ҳамин давраи соли 2010 зиёд шудани шумораи фавтидагон (6, 2 фоиз) ташвишовар буда, андешидани чораҳои таъхирнопазирро тақозо менамояд.

Таҳлили ҳолатҳои амалӣ шаҳодат медиҳад, ки чораҳои андешидашуда дар доираи санксияҳое, ки дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, бо сабаби нокифоя буданашон натиҷаҳои дилхоҳро надода истодаанд ва таъсирнокии онҳо ба баланд бардоштани низоми нақлиётӣ аз эҳтимол дур аст.

Сарфи назар аз корҳои ба анҷомрасонидаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон вақтҳои охир аз тарафи ронандагон риоя накардани талаботи аломату нишонаҳои роҳ, ҳамчун таваққуфгоҳ истифода бурдани чорроҳаю гузаргоҳҳо барои пиёдагардон, ҳаракат тавассути пайроҳаҳо, роҳҳои пиёдагард ва итоат накардан ба чароғаки роҳнамо, хусусан дар маркази шаҳру ноҳияҳо рӯйдоди муқаррарӣ гардида, боиси ҷамъшавии тӯлонии воситаҳои нақлиёт, зиёд гаштани ҳисоби партовҳои газию сатҳи садо, бенизомӣ дар ҳаракат ва сарзании садамаҳо гашта истодааст.

Аз ин лиҳоз, ба моддаҳои 318 ва 324 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани талаботи аломатҳои роҳ, нишонаҳои роҳ, ба сифати таваққуфгоҳ истифодаи ҳудуди чорроҳаҳо ва гузаргоҳҳо барои пиёдагардон, ҳаракат тавассути пайроҳаҳо, роҳҳои пиёдагард ва итоат накардан ба чароғаки роҳнамо тағйиру иловаҳо оид ба пурзӯр намудани ҷавобгарии маъмурӣ пешниҳод гардидааст.

Инчунин бо мақсади пешгирии ҳолатҳои вайрон кардани қоидаҳои гузаштани пиёдагардон аз ҷойҳои номуқаррарии роҳи автомобилгард ба моддаи 749 Кодекси мазкур қисми сеюм ворид карда шуда, дар он татбиқи ҷазои маъмуриро дар намуди огоҳӣ ва ҷарима дар маҳалли содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ пешбинӣ карда шудааст.

Қабули қонуни муҳокимашаванда ба манфиати ҷомеа буда, ҷиҳати танзими ҳаракати нақлиёт дар роҳҳо, коҳиш додани сатҳи садаманокӣ, пурзӯр намудани таъсирнокии чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, таъмини бехатарӣ ва амнияти шаҳрвандон мусоидат хоҳад кард.

Аз шумо, вакилони мардумӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки қабули лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Амиршоева Саодат дода мешавад.



**Саодат АМИРШОЕВА: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни зикршуда бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марти соли 2012 таҳти №1119 лоиҳаи қонуни мазкур барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои хулосаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонуни зикршуда бо мақсади ба танзим даровардани ҳаракати нақлиёт дар роҳҳои мамлакат, коҳиш додани сатҳи садаманокӣ, пурзӯр намудани таъсирнокии чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва таъмини бештари амнияти шаҳрвандони ҷумҳурӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тағйиру иловаҳое, ки ба Кодекси мазкур ворид карда мешаванд, меъёрҳои онро такмил дода, татбиқи он дар амалия боиси аз байн рафтани номутобиқатиҳои мавҷудбуда мегарданд.

Чӣ тавре амалияи татбиқи меъёрӣ дар моддаи 749 Кодекс нишон медиҳад, ҳангоми иҷрои ҷазои маъмурӣ дар шакли ҷарима нисбати ронандагон як қатор мушкилиҳо ба миён меоянд. Бинобар ин, барои ҷоннок кардани таъсири ҷазои татбиқшаванда ва беҳтар намудани сифати кори кормандони БДА Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст, ки ба моддаи 749 Кодекс қисми 3 илова карда шавад. Ин тадбир боис мегардад, ки нисбати шахси ҳуқуқвайронкунанда дар маҳалли содиршавии он ҷарима татбиқ гардида, пардохти он бо ҳуҷҷати намунааш муқарраргардида пардохт карда мешавад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, онро ҷонибдорӣ карда, хулосаҳои худро пешниҳод намуданд.

Аз кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кумитаи масъул 32 таклиф ворид гардид ва аз онҳо 24 таклиф пурра, 5 таклиф қисман ва 3 таклифи дигар қобили қабул ҳисобида нашуд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 5 апрели соли 2012 дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор дода, лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намуд.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул гардид. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон ЗУҲУРОВ ҷамъбаст намуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи экспертизаи экологӣ

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» аз 5 марти соли 2003, №808 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, №3, моддаи 93; соли 2005, №11, моддаи 568; соли 2007, №6, моддаи 482; соли 2008, №10, моддаи 834; соли 2009, №12, моддаи 827) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 8 феврали соли 2012 №684**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи экспертизаи экологӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 29 марти соли 2012 № 292**

Қонуни мазкур принсипҳо ва тартиби гузаронидани экспертизаи экологиро муайян намуда, барои пешгирии таъсири манфии фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият ба муҳити зист ва оқибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигари ба он алоқаманди татбиқи объекти экспертизаи экологӣ равона гардидааст.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **фармоишгар** – мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба гузаронидани экспертизаи экологӣ манфиатдоранд;

- **арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист** - муайян намудани таъсири имконпазири фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият ба муҳити зист, тағйири эҳтимолии муҳити зист, инчунин пешгуйӣ намудани вазъи ояндаи он ба мақсади қабули қарор оид ба имконпазир ё имконнопазир будани татбиқи қарорҳои лоиҳавӣ;

- **маводи арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист** – ҳуҷҷатҳои пешазлоиҳавӣ ва лоиҳавие, ки таъсири фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолиятро ба муҳити зист арзёбӣ менамоянд;

- **стандарти экологӣ** – ҳадди ҷоизи меъёрҳои таъсиррасонӣ ба муҳити зист дар раванди истеҳсолӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, истифода (истеъмол) ва нобудсозӣ (безараргардонӣ);

- **фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият** – фаъолияти инъикосёфта дар ин ё он ҳуҷҷати лоиҳавӣ оид ба сохтмон, азнавсозии объектҳо, истифодаи онҳо ва дигар фаъолият, ки ба истифодабарии захираҳои табиӣ алоқаманд мебошад ва (ё) метавонад ба муҳити зист таъсир расонад;

- **ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо** – лоиҳаҳои ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ, консепсияҳои соҳавӣ, пешгӯйиҳо, барномаҳо ва нақшаҳо, лоиҳаҳои шаҳрсозӣ, лоиҳаҳои меъморӣ ва сохтмон, лоиҳаҳои санадҳои меъёрии техникӣ, ки бо Қонуни мазкур ба объектҳои экспертизаи экологӣ дохил гардидаанд ва дигар ҳуҷҷатҳои ба онҳо баробаркардашуда, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин объектҳо мансуб дониста мешаванд;

- **таҳиягари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо** – ташкилот ва ё соҳибкори инфиродӣ, ки ба таҳияи ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо машғул мебошад;

- **таъсири байнисарҳадӣ** – таъсир ба муҳити зисти давлати хориҷӣ, ки метавонад дар натиҷаи фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо шавад;

- **экспертизаи экологӣ** – муқаррар намудани мутобиқат ё номутобиқатии ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ба талаботи қонунгузорӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ, аз он ҷумла санадҳои меъёрии техникӣ;

- **эксперти экспертизаи давлатии экологӣ** – шахси дорои донишҳои махсус ва таҷрибаи кофии барои гузаронидани экспертизаи экологӣ зарур, ки бо тартиби муқаррарнамуда аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ барои гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ ҷалб карда мешавад ва (ё) шахсони мансабдори мақомоти давлатии барои гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ масъул;

- **хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ** – ҳуҷҷате, ки аз рӯйи натиҷаи экспертизаи давлатии экологӣ таҳия шуда, дорои хулосаҳо дар бораи таъсири ин ё он фаъолият ба муҳити зист мебошад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи экспертизаи экологӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи экспертизаи экологӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ**

Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ инҳоянд:

- хатари эҳтимолии экологӣ доштани фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият;

- ҳатмӣ будани гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ;

- дар маҷмӯъ арзёбии таъсиррасонии фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият ба муҳити зист;

- ҳатмӣ будани баҳисобгирии амнияти экологӣ ҳангоми гузаронидани экспертиза;

- боэътимодӣ ва пуррагии маълумот, ки барои экспертизаи экологӣ пешниҳод карда мешавад;

- мустақилияти экспертҳои экспертизаи экологӣ;

- аз ҷиҳати илмӣ асоснок, холисона ва қонунӣ будани хулосаи экспертӣ;

- ошкорбаёнӣ, иштироки ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ба назар гирифтани афкори ҷомеа;

- масъулияти иштирокчиёни экспертизаи экологӣ ва тарафҳои манфиатдор барои ташкил, гузаронидан ва сифати экспертизаи экологӣ.

**Моддаи 4. Мақсад ва вазифаҳои экспертизаи экологӣ**

1. Мақсадҳои экспертизаи экологӣ аз инҳо иборатанд:

- пешгирии оқибатҳои манфии имконпазири татбиқи объектҳои экспертиза ва таъсири номусоиди онҳо ба саломатии аҳолӣ, захираҳои табиӣ, муҳити зист, амнияти экологии ҷомеа, аз ҷумла бартарафкунии зарари онҳо зимни фаъолияти идоракунӣ, хоҷагидорӣ, сармоягузорӣ ва дигар фаъолият оид ба татбиқи объектҳои экспертиза;

- таъмини пешгӯйиҳои экологӣ дар асоси ахборот оид ба ҳолат ва тағйироти имконпазири вазъи экологӣ дар натиҷаи ҷойгиронӣ ва инкишоф додани қувваҳои истеҳсолкунанда, ки ба саломатии аҳолӣ, захираҳои табиӣ, муҳити зист ва амнияти экологӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

2. Вазифаҳои экспертизаи экологӣ аз инҳо иборатанд:

- арзёбии самарабахшӣ, асоснокӣ ва кофӣ будани тадбирҳо оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист дар объектҳои экспертиза;

- арзёбии дурустии дараҷаи хавфу хатари экологии фаъолияти пешбинишаванда, ки аз тарафи фармоишгар ва ё таҳиягари лоиҳа муайян карда шудааст;

- арзёбии мутобиқати объекти экспертизаи ба истифода додашаванда дар марҳилаи қабули қарор оид ба истифодаи онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандартҳои экологӣ;

- ташкили таҳлил ва арзёбии ҳамаҷонибаю холисонаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки объектҳои экспертиза;

- таҳлил ва арзёбии таъсири эҳтимолии аз ҷиҳати экологӣ зарарноки объектҳои экспертиза ба саломатии аҳолӣ, захираҳои табиӣ, муҳити зист, инчунин оқибатҳои эҳтимолии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии он;

- тайёр намудани хулосаҳои холисона ва аз ҷиҳати илмӣ асосноки экспертизаи экологӣ, сари вақт ба мақомоти давлатӣ ва дигар мақомоте, ки оид ба татбиқи объекти экспертиза қарор қабул менамояд, пешниҳод намудани онҳо, хабардор намудани шахсони манфиатдор, ҷомеа ва шаҳрвандон.

**Моддаи 5. Намудҳои экспертизаи экологӣ**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экспертизаи давлатии экологӣ ва экспертизаи ҷамъиятии экологӣ гузаронида мешаванд.

**Моддаи 6. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ваколатҳои мақомоти дигари давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ**

1. Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи экспертизаи экологӣ мансубанд:

- ташкили таҳия ва иҷрои барномаҳои давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ;

- андешидани тадбирҳо оид ба ҳифзи манфиатҳои давлат, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар соҳаи экспертизаи экологӣ;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ барои гузаронидани чорабиниҳо оид ба татбиқи барномаҳо дар соҳаи экспертизаи экологии дорои аҳамияти давлатӣ ва байналмилалӣ;

- амалӣ намудани дигар салоҳиятҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, ки дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- ташкили экспертизаи давлатии экологии объектҳое, ки дар моддаи 9 Қонуни мазкур зикр гардидаанд;

- таҳия, аз нав баррасӣ намудан ва тасдиқи санадҳои меъёрии техникӣ ва ҳуҷҷатҳои дастурию методӣ, ки татбиқи Қонуни мазкурро дар хусуси гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ таъмин менамоянд;

- таъмини базаи илмию методии экспертизаи давлатии экологӣ;

- ташкили таъмини иттилоотии экспертизаи давлатии экологӣ, аз ҷумла таъсис ва пешбурди махзани маълумот оид ба фаъолияти пешбинишаванда, татбиқи объекти экспертиза ва таъсири он ба муҳити зист;

- ташкили ҳамкорӣ бо мақомоти экологию экспертии давлатҳои дигар бо мақсади гузаронидани машваратҳо, экспертизаҳои экологии муштарак, мубодилаи дастовардҳои илмию методӣ;

- гузаронидани семинару конференсияҳо оид ба масъалаҳои экспертизаи экологӣ, мубодилаи таҷриба ҷиҳати баланд бардоштани сифати фаъолияти экспертизаи экологӣ;

- ҳамоҳанг сохтани фаъолияти экспертию экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, анҷом додани роҳбарии методӣ дар масъалаи гузаронидани экспертизаи экологии объектҳо, сарфи назар аз тобеият ва шакли моликияташон;

- назорати риояи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи экспертизаи давлатии экологӣ ҳангоми ташкил ва гузаронидани он;

- ҳамкорӣ дар доираи ваколатҳои худ бо вазорату идораҳо, ташкилотҳо ва воҳидҳои экспертии онҳо;

- иштирок дар ташкил ва гузаронидани экспертизаҳои экологии байналмилалӣ;

- ҷалби олимону мутахассисони хориҷӣ барои гузаронидани экспертизаи экологӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои ҳолатҳое, ки объекти экспертиза дорои сирри давлатӣ ё тиҷоратӣ мебошад;

- дастрасӣ доштан ба манбаи иттилоот оид ба вазъи муҳити зист ва махзани донишҳо оид ба арзёбии таъсиррасонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар намудҳои фаъолият ба инсон ва табиат;

- фиристодани хулоса ба мақомоти бонкӣ оид ба қатъи маблағгузории объектҳое, ки хулосаи мусбии экспертизаи экологиро нагирифтаанд;

- омода ва пешниҳод кардани маводи дахлдор ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомот дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи экспертизаи экологиро риоя накардаанд;

- дар доираи ваколати худ анҷом додани дигар амалҳо, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон набуда, ҷиҳати татбиқи ваколатҳояшон заруранд.

3. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ аз инҳо иборатанд:

- фиристодани экспертҳо дар ҳайати комиссияҳои экспертӣ ҷиҳати иштирок дар экспертизаи объектҳое, ки истифодаашон дар минтақаи онҳо пешбинӣ шудааст ва дар ҳолатҳои таъсири имконпазири фаъолияти хоҷагидории аз тарафи воҳидҳои дигари марзиву маъмурӣ банақшагирифташуда ба муҳити зист;

- ташкили муҳокимаҳои ҷамъиятӣ, гузаронидани пурсишҳо дар байни аҳолӣ оид ба фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият, ки ба экспертизаи экологӣ тааллуқ доранд;

- қабул ва татбиқи қарорҳо оид ба масъалаҳои экспертизаи экологӣ дар асоси натиҷаҳои муҳокимаҳои ҷамъиятӣ, пурсишҳо, дархостҳои ташкилотҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятии экологӣ;

- нишон додани ташаббус дар асоси дархостҳои аҳолӣ ҷиҳати гузаронидани экспертизаи ҷамъиятии экологӣ;

- огоҳ намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ оид ба фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият дар минтақаҳои дахлдор;

- огоҳ намудани мақомоти прокуратура ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист оид ба оғози татбиқи объекти экспертизаи экологӣ бе хулосаҳои мусбии экспертизаи давлатии экологӣ;

- татбиқи дигар ваколатҳо дар ин соҳа дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар доираи ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои мақоми ваколатдори давлатиро дар соҳаи экспертизаи экологӣ, инчунин иштироки аҳолиро дар гузаронидани экспертизаи ҷамъиятии экологӣ таъмин менамоянд.

**Моддаи 7. Ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба ташкили экспертизаи экологӣ**

1. Шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба ташкили экспертизаи экологӣ ҳуқуқҳои зерин доранд:

- мутобиқи Қонуни мазкур ҷиҳати гузаронидани экспертизаи экологии фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият, ки иҷрои он ба манфиатҳои экологии аҳолии дар ин маҳалҳо истиқоматкунанда зарар мерасонанд, муроҷиат намоянд;

- ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ ба таври хаттӣ пешниҳодоти асосноке манзур намоянд, ки ба тарафҳои экологии анҷоми фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият дахл доранд;

- аз мақомоте, ки экспертизаи давлатии экологиро анҷом медиҳанд, бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ доир ба натиҷаҳои анҷоми экспертизаи экологӣ маълумот гиранд;

- дар таҳия ва муҳокимаи маводи арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист иштирок кунанд;

- фаъолияти дигарро дар соҳаи экспертизаи экологӣ, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нест, анҷом диҳанд.

2. Ҳангоми таҳияи хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ ва қабули қарор оид ба истифодаи объекти экспертиза маводи ба комиссияи экспертӣ фиристодашуда, ки афкори ҷомеаро инъикос мекунанд, бояд баррасӣ карда шаванд.

## БОБИ 2. ЭКСПЕРТИЗАИ ДАВЛАТИИ ЭКОЛОГӢ

**Моддаи 8. Субъектҳои экспертизаи давлатии экологӣ**

1. Субъектҳои экспертизаи давлатии экологӣ аз инҳо иборатанд:

- экспертҳои экспертизаи давлатии экологӣ (комиссияҳои экспертӣ);

- фармоишгарон;

- таҳиягарони ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо.

2. Эксперти экспертизаи давлатии экологӣ намояндаи фармоишгар ва таҳиягари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, инчунин намояндаи шахси воқеӣ ва ташкилоте буда наметавонад, ки бо фармоишгар ё таҳиягари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ дорад.

3. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси шартномаи байни фармоишгар ва таҳиягари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои фармоишгар метавонанд ба зиммаи таҳиягари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо вогузор карда шаванд.

**Моддаи 9. Объектҳои экспертизаи давлатии экологӣ**

1. Объектҳои экспертизаи давлатии экологӣ аз ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои зерин оид ба фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият иборат мебошанд, ки метавонанд ба муҳити зист таъсири манфӣ расонанд:

- лоиҳаҳои барномаҳо ва нақшаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, консепсияҳои соҳавӣ, пешгӯйиҳо, ки татбиқи онҳо ба истифодаи захираҳои табиӣ алоқаманданд ва (ё) метавонанд ба муҳити зист таъсир расонанд;

- лоиҳаҳои шаҳрсозӣ;

- лоиҳаҳои меъморӣ ва сохтмонӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд;

- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии техникӣ, ки дар онҳо талабот оид ба ҳифзи муҳити зист ва (ё) истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ нисбати маҳсулот ва раванди таҳияи он, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, фурӯш ва истифодаи партовҳо ё хизматрасонӣ муқаррар мегарданд.

2. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои дигари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, ки бояд аз экспертизаи давлатии экологӣ гузаранд, муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 10. Тартиби гузарондани экспертизаи давлатии экологӣ**

1. Экспертизаи давлатии экологӣ аз ҷониби экспертҳо гузаронида мешавад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ аз ҷониби экспертҳои алоҳида ва комиссияҳои экспертӣ муқаррар карда мешаванд.

2. Экспертизаи давлатии экологӣ дар асоси аризаи фармоишгар бо замимаи ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, ки бояд аз экспертизаи давлатии экологӣ гузаранд, маводи арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки таркиб ва мундариҷаашонро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, гузаронида мешавад.

3. Экспертизаи давлатии экологӣ дар асоси аризаи таҳиягари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо гузаронида мешавад, агар дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи байни фармоишгар ва таҳиягари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ин вазифа ба ӯҳдаи таҳиягари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо вогузор шуда бошад.

4. Тартиби гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 11. Мӯҳлати гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ**

1. Мӯҳлати гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ то 30 рӯзро ташкил медиҳад. Вобаста ба мураккабии объекти экспертизашаванда мӯҳлати гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ бо қарори мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ метавонад то 60 рӯз тамдид карда шавад.

2. Мӯҳлати гузаронидани экспертизаи давлатии экологиро барои ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо оид ба фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият, ки метавонанд таъсири байнисарҳадӣ дошта бошанд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 12. Хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ**

1. Аз рӯйи натиҷаи экспертизаи давлатии экологӣ хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ тартиб дода мешавад.

2. Хулосаи экспертизаи давлатии экологиро эксперти экспертизаи давлатии экологӣ (ҳамаи аъзои комиссияи экспертӣ) имзо мегузорад ва онро роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ тасдиқ менамояд.

3. Ба хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ, ки барои тасдиқ пешниҳод мегардад, мулоҳизаи махсуси экспертҳои экспертизаи давлатии экологӣ, ки бо хулоса розӣ нестанд, замима карда мешавад.

4. Хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ метавонад мусбӣ ё манфӣ бошад.

5. Хулосаи мусбии экспертизаи давлатии экологӣ аз ҷамъбасти мувофиқати қарори лоиҳавии фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият ба талаботи қонунгузорӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, аз он ҷумла санадҳои меъёрии техникӣ, инчунин аз дигар маълумот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

6. Маблағгузорӣ ва амалӣ намудани фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият, ки бояд ҳатман аз экспертизаи давлатии экологӣ гузарад, танҳо дар асоси хулосаи мусбии экспертизаи давлатии экологӣ иҷозат дода мешавад, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар муқаррар нагардида бошад.

7. Дар сурати манфӣ будани хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ фармоишгар ё таҳиягари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо метавонанд, ки ҳангоми ислоҳи ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо камбудиҳои дар хулоса ҷойдоштаро ба инобат гирифта, онро такроран ба экспертизаи давлатии экологӣ пешниҳод намоянд ё ин ки аз амалӣ намудани фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият даст кашанд.

**Моддаи 13. Мӯҳлати эътибори хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ**

1. Мӯҳлати эътибори хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ ба давомнокии амалисозии лоиҳа, ки дар лоиҳаҳои сохтмон пешбинӣ гардидааст, бо дароз намудани он ба мӯҳлати як сол муқаррар мегардад, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати дигар пешбинӣ нагардида бошад.

2. Мӯҳлати эътибори хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ аз рӯйи объектҳои экспертизаи давлатии экологӣ, ба истиснои объектҳои дар қисми 1 моддаи мазкур нишон додашуда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати эътибори ҳуҷҷатҳои ин объект муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 14. Гузаронидани экспертизаи давлатии экологии такрорӣ ва иловагӣ**

1. Экспертизаи давлатии экологии такрорӣ дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

- такмили мавод дар асоси эродҳои экспертизаи давлатии экологии қаблан гузаронидашуда;

- тағйир ёфтани шартҳои истифодабарии табиат;

- истифодаи объекти экспертиза бо риоя накардани қарорҳои қабулкардаи қаблӣ ё мӯҳлатҳои меъёрии банақшагирӣ ва сохтмон, ки тибқи меъёр ва қоидаҳои ҷории сохтмонӣ пешбинӣ гардидаанд;

- ба охир расидани мӯҳлати хулосаҳои мусбии экспертизаи давлатии экологӣ;

- дар асоси қарори суд;

- дохил кардани тағйирот ба ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо баъди гирифтани хулосаи мусбии экспертизаи давлатии экологӣ.

2. Ба гузаронидани экспертизаи давлатии экологии такрорӣ ҷалб намудани эксперте, ки дар экспертизаи экологии таҳти муҳокима қарордошта иштирок намудааст, манъ аст.

3. Экспертизаи давлатии экологии иловагӣ дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

- ҳангоми муайян намудани мухолифат байни технология ва лоиҳаи мавҷуда;

- дар сурати дар мӯҳлатҳои муқарраркардашуда иҷро накардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ ҳангоми гузаронидани экспертизаи қаблӣ;

- дар сурати беэътибор донистани хулосаи қаблӣ.

4. Асосҳои беэътибор донистани хулосаи қаблӣ бо тартиби гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ муқаррар карда мешаванд.

5. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста ба ҳолатҳои дар ҳамин модда пешбинишуда метавонад нисбати ҳуҷҷатҳои лоиҳавии сохтмон ва намудҳои фаъолияте, ки барои онҳо арзёбии таъсир ба муҳити зист ҳатмӣ мебошад ва иншооте, ки сохтмони онҳо аз ҳисоби давлат ва бо кафолати давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, экспертизаи давлатии экологии такрорӣ ё иловагӣ таъин кунад.

6. Экспертизаи давлатии экологии такрорӣ ва иловагии дар ҳамин модда пешбинишуда мутобиқи тартиби барои гузаронидани экспертизаи давлатии экологии ҳатмӣ муқаррарнамудаи Қонуни мазкур гузаронида мешавад.

## БОБИ 3. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ СУБЪЕКТҲОИ ЭКСПЕРТИЗАИ ДАВЛАТИИ ЭКОЛОГӢ

**Моддаи 15. Ҳуқуқҳои субъектҳои экспертизаи давлатии экологӣ**

1. Эксперти экспертизаи давлатии экологӣ чунин ҳуқуқҳо дорад:

- ба таври хаттӣ таҳия намудани мулоҳизаи махсус оид ба объекти экспертизаи давлатии экологӣ ва замима намудани он ба хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ;

- пешниҳоди таклифҳо дар хусуси ба экспертизаи давлатии экологӣ ҷалб намудани мутахассисони ташкилотҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ, ки дорои донишҳои махсус дар соҳаи муайяни илму техника ва ғайра мебошанд;

- пешниҳоди таклифҳо оид ба такмили ташкили гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ.

2. Фармоишгар ҳуқуқҳои зерин дорад:

- гирифтани маълумот аз экспертҳои (комиссияи экспертии) экспертизаи давлатии экологӣ оид ба мӯҳлату тартиб ва натиҷаи гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ;

- талаб намудани ислоҳи вайронкунии тартиби муқарраргардидаи гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ;

- додани шарҳи хаттӣ ё шифоҳӣ ва пешниҳод оид ба объектҳои экспертизаи давлатии экологӣ;

- шикоят кардан нисбати хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ ба мақомоти болоии давлатӣ ва ё ба суд;

- амалӣ намудани ҳуқуқҳои дигари пешбининамудаи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ҳуқуқҳои дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинишуда ба таҳиягарони ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо низ дахл доранд.

**Моддаи 16. Ӯҳдадориҳои субъектҳои экспертизаи давлатии экологӣ**

1. Экспертҳои экспертизаи давлатии экологӣ ӯҳдадориҳои зерин доранд:

- пурра, холисона ва дар маҷмӯъ таҳлил кардани ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ба экспертизаи давлатии экологӣ пешниҳодгардида ва муайян намудани мутобиқати онҳо ба талаботи қонунгузорӣ;

- риоя намудани талаботи қонунгузорӣ оид ба экспертизаи экологӣ ҳангоми гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ;

- риоя намудани тартиб ва мӯҳлати муқарраргардидаи гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ;

- бе осеб нигоҳ доштани ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ба экспертизаи давлатии экологӣ пешниҳодгардида ва нигоҳ доштани махфияти маълумоти онҳо;

- иҷро намудани дигар ӯҳдарориҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муқарраргардида.

2. Ӯҳдадориҳои фармоишгар:

- пешниҳод намудани ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои объектҳои экспертизаи давлатии экологӣ ба экспертизаи давлатии экологӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё шартномаи байни фармоишгар ва таҳиягари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ба ӯҳдаи таҳиягари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо вогузор карда шудааст;

- бо дархости ташкилкунандаи экспертизаи ҷамъиятии экологӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, ки таркибан ва мазмунан ба ҳуҷҷатҳои ба экспертизаи давлатии экологӣ пешниҳодгардида барои гузаронидани экспертизаи ҷамъиятии экологӣ монанданд;

- амалӣ намудани лоиҳа оид ба объектҳои экспертизаи давлатии экологӣ дар асоси хулосаи мусбии экспертизаи давлатии экологӣ, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар муқаррар нагардида бошад;

- иҷро намудани дигар ӯҳдадориҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муқарраргардида.

3. Таҳиягари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ӯҳдадориҳои зерин дорад:

- пешниҳод намудани ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо оид ба объекти экспертизаи давлатии экологӣ дар ҳолатҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё шартномаи байни фармоишгар ва таҳиягари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ба ӯҳдаи таҳиягари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо вогузор карда шудааст;

- ба фармоишгар расонидани ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо бо хулосаи мусбии экспертизаи давлатии экологӣ;

- иҷрои дигар ӯҳдадориҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон дар ин соҳа муқаррар намудаанд.

## БОБИ 4. ЭКСПЕРТИЗАИ ҶАМЪИЯТИИ ЭКОЛОГӢ

**Моддаи 17. Объектҳои экспертизаи ҷамъиятии экологӣ**

Ҳама объектҳои дар моддаи 9 Қонуни мазкур пешбинигардида метавонанд объектҳои экспертизаи ҷамъиятии экологӣ бошанд, ба истиснои ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки дорои маълумоти сирри давлатианд ва ё дастрасӣ ба онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд гардидааст.

**Моддаи 18. Субъектҳои экспертизаи ҷамъиятии экологӣ**

Субъектҳои экспертизаи ҷамъиятии экологӣ инҳоянд:

- шаҳрвандон ва дигар шахсоне, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои экспертизаи ҷамъиятии экологӣ ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо дахл мекунад ва инчунин ҳуқуқи таъини гузаронидани экспертизаи ҷамъиятии экологиро доранд;

- ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки соҳаи асосии фаъолияташон тибқи оинномаи онҳо ҳифзи муҳити зист мебошад;

- экспертҳо ва ё комиссияҳои экспертӣ, ки барои гузаронидани экспертизаи ҷамъиятии экологӣ аз тарафи ташкилкунандагони он ҷалб карда мешаванд;

- фармоишгарон ё таҳиягарони ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо;

- мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот.

(Идома дар саҳ. 4)

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи экспертизаи экологӣ

(Идома аз саҳ. 3)

**Моддаи 19. Тартиби гузаронидани экспертизаи ҷамъиятии экологӣ**

1. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ӯҳдадоранд аҳолиро аз фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият дар ҳудуди тобеи худ тавассути воситаҳои ахбори омма ва дигар усулҳои дастрас сари вақт хабардор намоянд.

2. Экспертизаи ҷамъиятии экологӣ пеш аз экспертизаи давлатии экологӣ ё бо он якҷоя гузаронида мешавад.

3. Экспертизаи ҷамъиятии экологӣ бо шарти ба қайд гирифтани аризаи ташкилкунандаи экспертизаи ҷамъиятии экологӣ оид ба гузаронидани он аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ карда мешавад. Талабот оид ба шакл ва мундариҷаи ариза барои гузаронидани экспертизаи ҷамъиятии экологӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

4. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аризаро бояд дар рӯзи ворид шуданаш ба қайд гиранд. Ариза дар ҳолатҳои зерин ба қайд гирифта намешавад:

- дар оинномаи ташкилкунандаи экспертизаи ҷамъиятии экологӣ фаъолияти ташкилоти ҷамъиятии мазкур дар соҳаи ҳифзи муҳити зист пешбинӣ нашуда бошад;
- экспертизаи ҷамъиятии экологӣ нисбат ба объекти экспертиза пештар гузаронида шуда бошад;
- дигар асосҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд.

5. Фармоишгар ё таҳиягари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо бо дархости ташкилкунандаи экспертизаи ҷамъиятии экологӣ дар давоми 10 рӯз баъд аз пешниҳоди чунин дархост ӯҳдадор аст ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоро, ки таркиб ва мундариҷаашон ба ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ба экспертизаи давлатии экологии пешниҳодшаванда монанд мебошад, ба экспертизаи ҷамъиятии экологӣ пешниҳод намояд.

6. Барои гузаронидани экспертизаи ҷамъиятии экологӣ ташкилкунандаи экспертизаи ҷамъиятии экологӣ экспертҳоро ҷалб менамояд ё комиссияҳои экспертӣ таъсис медиҳад. Қоидаҳое, ки дар қисми 2 моддаи 10 Қонуни мазкур муқаррар гардидаанд, ба экспертҳои экспертизаи ҷамъиятии экологӣ низ дахл доранд.

**Моддаи 20. Хулосаи экспертизаи ҷамъиятии экологӣ**

1. Натиҷаи экспертизаи ҷамъиятии экологӣ дар шакли хулосаи экспертизаи ҷамъиятии экологӣ тартиб дода мешавад, ки хусусияти тавсиявӣ дорад.

2. Хулосаи экспертизаи ҷамъиятии экологӣ бояд ҳангоми гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ баррасӣ карда шавад.

3. Хулосаи экспертизаи ҷамъиятии экологӣ метавонад дар воситаҳои ахбори омма чоп гардад, ба мақомоти давлатие, ки ваколати гузаронидани экспертизаи давлатии экологиро доранд, ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, фармоишгар ё таҳиягари ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ва инчунин ба дигар шахсони манфиатдор пешниҳод шавад.

### БОБИ 5. АРЗЁБИИ ТАЪСИРРАСОНӢ БА МУҲИТИ ЗИСТ

**Моддаи 21. Банақшагирӣ ва лоиҳакашии объектҳо ва намудҳои нави фаъолият**

1. Банақшагирӣ ва лоиҳакашии объектҳо ва намудҳои нави фаъолият новобаста ба шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияти субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият, ки метавонанд ба муҳити зист таъсири мустақим ё ғайримустақим расонанд, дар асоси маводи арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист бо тартиби ҳатмии гузаронидани он аз экспертизаи давлатии экологӣ амалӣ карда мешавад.

2. Номгӯйи объектҳо ва намудҳои фаъолиятро, ки барои онҳо таҳияи мавод оид ба арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист ҳатмӣ мебошад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 22. Ташкил ва гузаронидани арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист**

1. Ташкил ва гузаронидани арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зистро дар ҳамаи марҳилаҳои банақшагирӣ ва лоиҳакашии объектҳо ва намудҳои нави фаъолият, маблағгузории таҳияи маводи арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист, ташкили муҳокимаи ҷамъиятии фаъолияти банақшагирифташаванда, пешниҳоди маводи арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист, ки барои экспертизаи экологӣ зарур аст, фармоишгар ба анҷом мерасонад.

2. Тартиби ташкил ва гузаронидани арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зистро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

### БОБИ 6. МАБЛАҒГУЗОРИИ ЭКСПЕРТИЗАИ ЭКОЛОГӢ

**Моддаи 23. Маблағгузории экспертизаи давлатии экологӣ**

Экспертизаи давлатии экологӣ, аз ҷумла ҳангоми такроран ва иловатан гузаронидани он аз ҳисоби фармоишгар маблағгузорӣ карда мешавад, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар муқаррар нагардида бошад.

**Моддаи 24. Маблағгузории экспертизаи ҷамъиятии экологӣ**

Экспертизаи ҷамъиятии экологӣ аз ҳисоби манбаъҳои зерин маблағгузорӣ карда мешавад:

- маблағи худии ташкилкунандагони экспертизаи ҷамъиятии экологӣ;
- ҳаққи узвияти ихтиёрии шаҳрвандон ва ташкилотҳо;
- дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

### БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 25. Ҳалли баҳсҳо дар соҳаи экспертизаи экологӣ**

Баҳсҳо дар соҳаи экспертизаи экологӣ ба тариқи судӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

**Моддаи 26. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 27. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2003 «Дар бораи экспертизаи экологӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №4, мод. 150; с. 2005, №12, мод. 638; с. 2007, №7, мод. 690; с. 2008, №12, қ. 2, мод. 1002; с. 2010, №1, мод. 13) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 28. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №818**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 8 феврали соли 2012 №679**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №297**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1993 «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1993, №15-16, мод.350; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №3, мод. 48, фасли XVIII; с. 1997, №9, мод. 117, фасли VI; с. 1998, №10, мод. 119, фасли V; №22, мод. 318; с. 1999, №5, мод. 61; №9, мод. 236; №12, мод. 351; с. 2002, №4, қ.1, мод. 158; №11, мод. 711; мод. 735; с. 2005, №7, мод. 406; с. 2007, №7, мод. 695; с.2008, №10, мод. 823; с.2009, №9-10, мод. 547; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2011, №789) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар ном ва матни моддаи 1 калимаҳои «нафақаи давлатӣ» ва «нафақаҳои давлатӣ» ба калимаи «нафақа» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 3:

- дар банди д) калимаҳои «Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд;
- дар банди з) калимаи «16-сола» ба калимаи «18-сола» иваз карда шавад.

3. Матни моддаи 4 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Шарту меъёрҳо ва тартиби таъминоти нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони воҳидҳои ҳарбишудае, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон воҷиби суғуртаи давлатии иҷтимоӣ намебошанд ва аъзои оилаи онҳо бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ» муқаррар карда мешаванд. Инчунин ба онҳо барои гирифтани нафақа бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ҳуқуқ дода мешавад. Дар чунин ҳолат пардохти нафақаи мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ» таъиншуда қатъ мегардад.».

4. Ба моддаи $4^1$ :

- қисми дуюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Ба хизматчиёни давлатӣ, ки ҳангоми барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ, ки аз мансаби давлатӣ озод шудаанд, дар сурати доштани собиқаи умумии меҳнатии иборат аз 25 сол барои мардҳо ва 20 сол барои занҳо ва аз ин на кам аз 10 солаш собиқаи хизмати давлатӣ бошад, ҳуқуқ дода мешавад, ки ду сол пеш аз мӯҳлати муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нафақа бароянд.»;

- қисми дуюм қисми сеюм ҳисобида шавад.

5. Дар моддаи 6 калимаҳои «гуногуни давлатиро» ба калимаи «гуногунро» иваз карда шаванд.

6. Дар моддаи 12:

- қисми дуюм дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«То расидани шахсони дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинишуда ба синни нафақаи дар моддаи 11 Қонуни мазкур муқаррааргардида пардохти нафақаи онҳо аз ҳисоби маблағҳои ташкилоте, ки дар он корҳои ба нафақаи имтиёзнок ҳуқуқдиҳанда иҷро гардидаанд, амалӣ карда мешавад.».

- қисмҳои сеюм ва чорум хориҷ карда шаванд.

7. Дар қисми якуми моддаи 15:

- банди в) хориҷ карда шавад;
- дар банди г) калимаи «16-сола» ба калимаи «18-сола» иваз карда шавад;
- бандҳои г), д), е) ва ж) мувофиқан бандҳои в), г), д) ва е) ҳисобида шаванд.

8. Дар моддаи 16:

- дар қисми якум калимаҳои «система стажи бефосилаи» ба калимаҳои «соҳа собиқаи» ва калимаҳои «(моддаи 70 ва моддаи 86-уми Қонуни мазкур)» ба калимаҳои «(моддаҳои 70-86 Қонуни мазкур)» иваз карда шаванд;
- ба қисми сеюм баъд аз ҷумлаи якум ҷумлаи нав бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Андозаи нафақаи шахсоне, ки собиқаи кории зарурӣ (мардҳо 25 сол ва занҳо 20 сол) доранд, наметавонад аз андозаи ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол кам бошад.»;
- дар қисми чорум калимаҳои «система стажи бефосилаи» ба калимаҳои «соҳа собиқаи» иваз карда шаванд;
- дар қисмҳои шашум ва ҳафтум калимаҳои «(моддаҳои 70 ва 86 Қонуни мазкур)» ба калимаҳои «(моддаҳои 70-86 Қонуни мазкур)» иваз карда шаванд;
- қисми ҳаштум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Ҳадди ақал ва ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯйи синну сол аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.».

9. Дар моддаи 17:

- дар қисми якум калимаҳои «нафақаи иҷтимоӣ (банди «б»-и моддаи 110-уми Қонуни мазкур)» ба калимаҳои «50 фоизи ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол» иваз карда шаванд;
- қисми сеюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Ба нафақаҳо аз рӯйи синну сол, ки бо собиқаи кории нопурра таъин гардидаанд, иловапулиҳои пешбининамудаи моддаи 18 Қонуни мазкур муқаррар карда намешаванд.».

10. Дар моддаи 18:

- дар банди а) калимаҳои «нафақаи иҷтимоие, ки барои категорияҳои дахлдори шахсони ғайриқобили меҳнат пешбинӣ шудааст;» ба калимаҳои «50 фоизи ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол;» иваз карда шаванд;
- дар банди б) калимаҳои «нафақаи иҷтимоӣ (банди «б»-и моддаи 110-уми Қонуни мазкур)» ба калимаҳои «50 фоизи ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол» иваз карда шаванд;
- дар банди в) калимаҳои «нафақаи камтарини синну сол, ки Қонуни мазкур муқаррар кардааст,» ба калимаҳои «ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол,» иваз карда шаванд;
- аз банди к) калимаҳои «Донори фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ё» хориҷ карда шаванд.

11. Дар моддаи 27:

- дар сархати якуми қисми якум калимаҳои «(моддаҳои 70 ва 86-уми Қонуни мазкур)» ба калимаҳои «(моддаҳои 70-86 Қонуни мазкур)» иваз карда шаванд;
- қисмҳои чорум ва панҷум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«Ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯйи маъюбӣ ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

- ба маъюбони гурӯҳи I - 10 ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол;
- ба маъюбони гурӯҳи II – 8 ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол;
- ба маъюбони гурӯҳи III – 6 ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол.

Дар ҳама ҳолат андозаи ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯйи маъюбӣ наметавонад аз андозаи ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯйи синну сол камтар бошад.».

12. Дар моддаи 28:

- калимаҳои «нафақаи иҷтимоӣ барои маъюбони гурӯҳҳои I ва II муқарраргардида (моддаи 110-уми ҳамин Қонун)» ба калимаҳои «100 фоизи ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол ба маъюбони гурӯҳи I, маъюбони гурӯҳҳои I ва II аз кӯдакӣ ва 50 фоизи ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол ба маъюбони гурӯҳи II» иваз карда шаванд;
- қисми дуюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Ба нафақаҳо аз рӯйи маъюбӣ бо собиқаи кории нопурра иловапулиҳои пешбининамудаи моддаи 31 Қонуни мазкур муқаррар карда намешаванд.».

13. Дар моддаи $30^3$:

- ҷумлаи дуюм хориҷ карда шавад;
- қисми дуюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Ҳадди ақали нафақа аз рӯйи маъюбӣ дар натиҷаи осеби ҳарбӣ ба андозаҳои зерин муқаррар карда мешавад:

- ба маъюбони гурӯҳи I –3 ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол;
- ба маъюбони гурӯҳи II –2,5 ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол;
- ба маъюбони гурӯҳи III –2 ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол.».

14. Дар моддаи 31:

- дар қисми якум:
- дар банди а) калимаҳои «нафақаи иҷтимоии барои категорияҳои дахлдори корношоям пешбинишуда» ба калимаҳои «50 фоизи ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол» иваз карда шаванд;
- дар ҷумлаи якуми банди б) калимаҳои «ҳаҷми нафақаи иҷтимоӣ (банди «б»-и моддаи 110)» ба калимаҳои «50 фоизи ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол» иваз карда шуда, калимаҳои «бо ҳамон сабабҳо» хориҷ карда шаванд;
- дар ҷумлаи дуюми банди б) калимаҳои «навъҳои нафақа ва изофапулӣ» ба калимаҳои «намудҳои нафақа ва иловапулӣ» иваз карда шаванд;
- аз банди е) калимаҳои «Донори фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё» хориҷ карда шаванд;
- қисми панҷум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Ба нафақа аз рӯйи маъюбии хизматчиёни ҳарбие, ки ҳангоми иҷрои вазифаи интернатсионалистӣ дар қаламрави дигар давлатҳо дар амалиётҳои ҷангӣ иштирок кардаанд ва иштирокчиёни минтақаҳои офатҳои экологӣ ба андозаи 75 фоизи ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол иловапулӣ муқаррар карда мешавад.».

15. Дар моддаи 32 калимаҳои «60-сола» ва «55-сола» мутаносибан ба калимаҳои «63-сола» ва «58-сола» иваз карда шаванд.

16. Аз матни моддаи 35 калимаи «пурра» хориҷ карда шавад.

17. Дар моддаи 36:

- дар қисми дуюм:
- дар банди б) калимаҳои «60-сол» ва «55-сол» мутаносибан ба калимаҳои «63-солагӣ» ва «58-солагӣ» иваз карда шаванд;
- дар банди г) аломати нуқта ба аломати нуқта вергул «;» иваз карда шавад;
- банди д) бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«д) донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (таҳсили рӯзона) то вақти хатми муассисаҳои мазкур, вале на зиёда аз синни 23-солагӣ.»;

- қисми сеюм хориҷ карда шавад.

18. Дар қисми дуюми моддаи $36^1$ калимаи «ва» ба калимаи «ё» ва калимаи «50-солагӣ» ба калимаи «53-солагӣ» иваз карда шаванд.

19. Дар моддаи 38:

- дар ном ва қисми якум калимаҳои «бачаҳое» ва «бачаҳои» мутаносибан ба калимаҳои «кӯдаконе» ва «кӯдакони» иваз карда шаванд;
- қисми дуюм дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Ба кӯдаконе, ки аз падар ё модар маҳрум шудаанд ва дар таъминоти пурраи давлат мебошанд, 25 фоизи нафақаи таъиншуда пардохт карда мешавад.»;

- қисми сеюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Тартиби пардохти нафақаро ба кӯдаконе, ки дар таъминоти пурраи давлат мебошанд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.».

20. Дар қисми якуми моддаи 40 калимаҳои «вафоткарда (ҳалокшуда)» ба калимаҳои «фавтидаро (ҳалокшударо)» иваз карда шаванд.

21. Дар моддаи 43:

- дар қисми якум калимаҳои «(моддаи 70 ва 86-уми ҳамин Қонун)» ва «синну сол, ки барои категорияҳои дахлдори корношоям муқаррар гардидааст,» мутаносибан ба калимаҳои «(моддаҳои 70-86 Қонуни мазкур)» ва «синну сол» иваз карда шаванд;
- дар қисми дуюм калимаҳои «бачаҳое», «бачаҳои» ва «бача» ба калимаҳои «кӯдаконе», «кӯдакони» ва «кӯдак» иваз карда шуда, баъди калимаҳои «синну сол» калимаи «бошад» илова карда шавад.
- қисми чорум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Ҳадди ниҳоии нафақа барои маҳрум шудан аз саробон ба ҳар як узви корношоями оила ба андозаи ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯйи синну сол муқаррар карда мешавад.».

22. Матни моддаи 44 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Нафақаи кӯдакони ятими бекас аз маблағи умумии маоши падару модар бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ҳисоб карда мешавад.».

23. Қисми сеюми моддаи 45 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Дар ҳар сурат андозаи нафақа ба ҳар як узви корношоями оилаи саробони фавтида наметавонад аз 50 фоизи ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол камтар бошад.».

24. Дар моддаи $47^1$:

- аз қисми якум калимаҳои «ва ҷанги гражданӣ» хориҷ карда шаванд;
- қисми дуюм хориҷ карда шавад.

25. Дар моддаи 49:

- дар банди б) аломати нуқта вергул «;» ба аломати нуқта иваз карда шавад;
- банди в) хориҷ карда шавад.

26. Дар қисми якуми моддаи 50 калимаҳои «60-сола» ва «55-сола» мутаносибан ба калимаҳои «63-сола» ва «58-сола» иваз карда шаванд.

27. Аз матни моддаи 54 калимаи «пурра» хориҷ карда шавад.

28. Ба қисми якуми моддаи 61 пас аз калимаи «дарозмуддат» калимаҳои «ва иловапулиҳо ба он» илова карда шаванд.

29. Моддаи 63 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 63. Намудҳои фаъолияти меҳнатӣ, ки мавриди таъини нафақа ҳамчун собиқаи корӣ ҳисоб карда мешаванд

Фаъолияти меҳнатие, ки дар асоси шартномаи меҳнатӣ дар ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ, инчунин дар асоси узвият дар колхозҳо ва дигар кооперативҳо, сарфи назар аз хусусияту давомнокии кор ва муддати танаффус, иҷро карда мешавад, собиқаи корӣ ба ҳисоб меравад, ба шарте, ки аз музди меҳнат ё даромад аз чунин фаъолият тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ваколатдор саҳмҳои суғуртаи иҷтимоӣ пардохт шуда бошанд.

Ҳангоми ҳисоб кардани собиқаи корӣ дар колхоз барои давраи пас аз соли 1965, агар узви колхоз бе сабаби узрнок дар хоҷагии ҷамъиятӣ ба ҳадди ақали муқарраршуда кор накарда бошад, вақти кор аз рӯйи давомнокии воқеӣ ба назар гирифта мешавад.

Ба собиқаи корӣ чунин корҳо низ дохил карда мешаванд:

а) хизмати ҳарбии касбӣ ва хизмат дар дигар воҳидҳои ҳарбишудае, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон воҷиби суғуртаи давлатии иҷтимоӣ намебошанд;

б) фаъолияти муҳоҷирони меҳнатӣ берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба шарте ки аз даромади чунин фаъолият тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ваколатдор саҳмҳои суғуртаи иҷтимоӣ пардохт шуда бошанд;

в) ҳар кори дигаре, ки зимни иҷрои он шахс мавриди суғуртаи иҷтимоӣ қарор гирифтааст;

г) фаъолияти эҷодии шахсоне, ки дар банди в) моддаи 3 Қонуни мазкур пешбинӣ гардидаанд. Дар ин ҳол фаъолияти эҷодии аъзои Иттифоқи нависандагон, Иттифоқи рассомон, Иттифоқи бастакорон, Иттифоқи кинематографистон, Иттифоқи ходимони театр ва дигар кормандони эҷодие, ки аъзои иттифоқҳои эҷодӣ нестанду дар кумитаҳои дахлдори касбӣ муттаҳид шудаанд, то вақти мавриди амал қарор гирифтани Қонуни мазкур, сарфи назар аз пардохтан ё напардохтани саҳми суғуртаи иҷтимоӣ, собиқаи корӣ ҳисоб карда мешавад. Дар чунин ҳолатҳо собиқаи фаъолияти эҷодӣ аз тарафи котиботи раёсати иттифоқҳои эҷодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи нахустинтишор ё нахустиҷро ва ё нахустнамоиши оммавии асари ҳамин муаллиф муқаррар карда мешавад;

д) корношоямии муваққатӣ, ки дар давраи кор ба амал омадааст;

е) вақти нигоҳубини маъюби гурӯҳи I ё кӯдаки маъюби то 18-сола, ки ба нигоҳубини шахси дигар эҳтиёҷ доранд, инчунин вақти нигоҳубини пиронсоли яккаву танҳои ба синни 80 расида. Зимнан эҳтиёҷмандӣ ба нигоҳубини шахси дигари маъюби гурӯҳи I, кӯдаки маъюби то 18-сола ва пиронсоли яккаву танҳои ба синни 80 расида бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Ҳангоми ҳисоби собиқаи кор дар конҳо, ки барои гирифтани нафақа аз рӯйи синну сол бо шартҳои имтиёзнок мувофиқи моддаҳои 12 ва 13 Қонуни мазкур ҳуқуқ медиҳад, вақти маъюбӣ, ки дар натиҷаи маъюбшавии меҳнатӣ ё бемории касбӣ ҳангоми иҷрои ҳамин кор ба амал омадааст, ба собиқаи чунин кор дохил карда мешавад.».

30. Моддаи $63^1$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Моддаи $63^1$. Давраҳои фаъолияте, ки дар мавриди таъини нафақа ба собиқаи кории умумӣ дохил карда мешаванд

Ба собиқаи кории умумӣ чунин давраҳои фаъолият дохил карда мешаванд:

а) давраи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи махсус, дар омӯзишгоҳҳо, мактабҳо ва курсҳои омӯзиши кадрҳо, такмили ихтисос ва тағйири касб, дар аспирантура, докторантура ва ординатураи клиникӣ;

б) давраи хизмати ҳатмии ҳарбӣ;

в) вақти нигоҳубини кӯдакони хурдсол аз ҷониби модаре, ки муваққатан кор намекунад, вале танҳо то ба синни 3-солагӣ расидани ҳар як кӯдак, ҷамъ ба муддати умумии на зиёда аз 6 сол;

г) давраи истиқомати занҳои ҳайати афсарон, прапоршикҳо, мичманҳо ва хизматчиёни ҳарбии хизмати зиёда аз мӯҳлат бо шавҳарашон дар маҳалҳое, ки барои кор кардан аз рӯйи ихтисос имконият набуд, вале на бештар аз 10 сол.

Ҳангоми зиёд намудани нафақа аз рӯйи синну сол барои ҳар соли корӣ (моддаи 16 Қонуни мазкур), дар баробари собиқаи корӣ инчунин давраҳое, ки дар бандҳои а) – г) ҳамин модда ва моддаҳои 64 – 67 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Давраи кори пас аз таъин гардидани нафақа низ ба собиқаи корӣ дохил карда мешавад.».

31. Дар моддаи 68:

- қисми якум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи собиқаи корӣ дафтарчаи меҳнатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо оид ба собиқаи кории корманд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, ба ҳисоб меравад. Тартиби тасдиқи собиқаи кориро дар сурати набудани дафтарчаи меҳнатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо оид ба собиқаи корӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.»;

- қисми дуюм хориҷ карда шавад.

32. Дар моддаи 70 калимаи «нормаҳои» ба калимаи «меъёрҳои» иваз карда шавад.

33. Дар моддаи 71:

- ба қисми якум баъд аз калимаҳои «аз 24 моҳи» ва «таи 24 моҳи» калимаи «пайдарпайи» илова карда шавад;
- дар қисми чорум калимаҳои «кор карда бошад» ба калимаҳои «собиқаи корӣ дошта бошад ва он ба талаботи моддаи 23 Қонуни мазкур мутобиқ аст» иваз карда шаванд;
- дар қисми панҷум калимаҳои «кор карда бошад» ба калимаҳои «собиқаи корӣ дошта бошад ва он ба талаботи моддаи 23 Қонуни мазкур мутобиқ аст» иваз карда шаванд.

34. Дар қисми дуюми моддаи 72 калимаи «Ёрдампулие» ба калимаи «Кӯмакпулие» иваз карда шавад.

35. Дар моддаи 76:

- ба номи модда баъд аз калимаҳои «музди меҳнат» калимаҳои «ҳангоми ҳисоб кардани нафақа» илова карда шаванд;
- дар матни модда баъд аз калимаҳои «оғоз ё қатъи кор» калимаҳои «рухсатии бемузд» ва баъд аз калимаи «бевосита» калимаҳои «пеш ё» илова карда шуда, калимаҳои «бачаи маъюби то 16-сола» ба калимаҳои «кӯдаки маъюби то 18-сола» иваз карда шаванд.

36. Ба моддаи 81 баъд аз калимаҳои «фиристода шудаанд» калимаҳои «(рафтаанд), аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ» ва баъд аз калимаи «фиристодан» калимаи «(рафтан)» илова карда шаванд.

37. Матни моддаи 82 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардаанд, аз музди меҳнат (даромаде), ки аз он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмҳои суғуртаи иҷтимоӣ пардохт шудаанд, ҳисоб карда мешавад.

Нафақаи муҳоҷирони меҳнатӣ аз маблағи саҳмҳои суғуртаи иҷтимоии ба мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтнамудаашон ҳисоб карда мешавад.

Тартиби ҳисоби нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардаанд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.».

38. Моддаи 84 хориҷ карда шавад.

39. Моддаи 95 хориҷ карда шавад.

40. Моддаи 96 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 96. Пардохти нафақа

Нафақаҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори пардохткунандаи нафақа дар маҳалли истиқомати воқеии нафақагир, сарфи назар аз ҷойи қайд, пардохт карда мешаванд.».

41. Моддаи 97 хориҷ карда шавад.

42. Дар моддаи 106:

- қисми чорум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Дар сурати фавти нафақагир ба аъзои оилаи ӯ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмакпулӣ барои дафн пардохт карда мешавад.»;

- дар қисми панҷум калимаи «ёрдампулӣ» ба калимаи «кӯмакпулӣ» иваз карда шавад.

43. Дар матни моддаи 109 калимаҳои «бачаҳои маъюби то 16-сола» ба калимаҳои «кӯдакони маъюби то 18-сола» иваз карда шаванд.

44. Дар моддаи 110 калимаи «бачаҳои маъюби то 16-сола» ва «камтарини» мутаносибан ба калимаҳои «кӯдакони маъюби то 18-сола» ва «ҳадди ақали» иваз карда шаванд.

45. Матни моддаи 112 дар таҳрири зайл ифода карда шавад.

«Дар сурати дар як вақт мавҷуд будани ҳуқуқ ба нафақаи иҷтимоӣ ва иловапулӣ ба нафақаи меҳнатии саробони гирандаи нафақаи иҷтимоӣ барои аъзои корношоями оила тибқи моддаҳои 18 ва 31 Қонуни мазкур, мувофиқи интихоби муроҷиаткунанда ё нафақаи иҷтимоӣ ё иловапулӣ ба нафақаи меҳнатии саробони ӯ таъин карда мешавад.».

46. Моддаи 118 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 118. Нафақа барои хизматҳои махсус дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нафақа барои хизматҳои махсус дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун илова ба нафақаи таъингардидаи меҳнатӣ барои мардон аз синни 63-солагӣ ва барои занҳо аз синни 58-солагӣ ё дар ҳолатҳои дигаре, ки мувофиқи Қонуни мазкур нафақаи меҳнатӣ таъин гардидааст, муқаррар карда мешавад.

Шартҳо ва тартиби таъини нафақа барои хизматҳои махсус дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.».

47. Дар сархати якуми қисми сеюми моддаи 119 калимаҳои «нафақаи давлатӣ» ба калимаи «нафақаҳо» иваз карда шаванд.

48. Дар қисми якуми моддаи 120:

- дар сархати якум калимаҳои «нафақаҳои давлатӣ» ба калимаи «нафақаҳо» иваз карда шаванд;
- сархати сеюм хориҷ карда шавад;
- ба сархати чорум баъд аз калимаҳои «ба нафақахӯрони» калимаи «яккаву» илова карда шавад;
- дар қисми дуюм калимаи «бачаҳои» ба калимаи «кӯдакони» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №823**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи таҳсилоти иловагӣ

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 15 феврали соли 2012 №695**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №300**

Қонуни мазкур сиёсати давлатӣ, асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иҷтимоию молиявиро дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ муайян мекунад.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **таҳсилоти иловагӣ** – низоми таълиму тарбия, ки дар асоси барномаҳои таълимии иловагӣ амалӣ шуда, ба омӯзиши илм, техника ва технологияи муосир, эҷодкорӣ, дарёфти ихтисоси нав, бозомӯзӣ, такмили ихтисос, ки онҳоро шахс метавонад ҳангоми таҳсил дар мактаб, пас аз хатми мактаб ва баъди гирифтани диплом ба таври ройгон ё пулакӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ берун аз барномаҳои асосии таълимӣ ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ бе маҳдудият омӯзад, равона карда шудааст;
- **муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ** – муассисаҳои давлатӣ ва хусусии таълимӣ, ки фаъолияти онҳо ба ташаккули дониш, малака, маҳорат, қобилият, инчунин инкишофи зеҳнӣ, маънавӣ ва ҷисмонии таълимгирандагон нигаронида шудааст;
- **кормандони омӯзгорӣ** - шахсоне, ки ба таълиму тарбияи таълимгирандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ дар асоси касбӣ машғуланд;
- **таълимгирандагон** - шахсоне, ки аз рӯи дониш, қобилият, малакаю маҳорат ва шавқу рағбаташон ба шаклҳои гуногуни таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ҷалб гардидаанд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти иловагӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти иловагӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Мақсади таҳсилоти иловагӣ**

Таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мақсади он инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, қонеъ гардонидани рағбат, эҳтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

**Моддаи 4. Вазифаҳои асосии таҳсилоти иловагӣ**

Вазифаҳои асосии таҳсилоти иловагӣ аз инҳо иборатанд:

- тарбия ва таълими шаҳрвандон;
- инкишофи озодона ва ташаккули таҷрибаи иҷтимоию ҷамъиятии шахсият;
- тарбия дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ватандӯстӣ ва эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- инкишоф додани ҳисси эҳтиром ба урфу одат, расму оин, анъанаҳои мардумӣ ва арзишҳои миллӣ;
- ташаккули муносибати эҳтиромонаи таълимгирандагон нисбат ба оила ва ҷомеа;
- фароҳам овардани шароит барои инкишофи эҷодӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ҷисмонии таълимгирандагон;
- ташаккули муносибати бошуурона ва масъулиятноки таълимгирандагон ба муҳити зист ва ҳифзи он;
- қонеъ гардонидани талаботи таълимгирандагон ба интихоби касб;
- дастгирии таълимгирандагони боистеъдод;
- ташаккули тарзи ҳаёти солими таълимгирандагон;
- амалӣ намудани чорабиниҳои иттилоотию методӣ, ташкилию оммавӣ ва фарҳангию маърифатӣ;
- такмили худфаъолиятӣ ва худидоракунии таълимгирандагон;
- фароҳам овардани шароит барои фаъолияти эҳсонкории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади рушди таҳсилоти иловагӣ.

**Моддаи 5. Принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ**

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- дастрас будани таҳсилоти иловагӣ барои таълимгирандагон дар доираи стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсил, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкии онҳо;
- маблағгузории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии давлатӣ;
- ихтиёрӣ будани интихоби шакли муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ;
- хусусияти илмӣ, дунявӣ ва башардӯстона доштани таҳсилоти иловагӣ;
- ҳифзи манфиатҳои таълимгирандагон вобаста ба саъю кӯшиши онҳо дар бобати инкишофи озодона ва ҳамаҷонибаи шахсият;
- муҳайё намудани шароит барои таълимгирандагон дар гирифтани таҳсилоти иловагӣ;
- нигоҳдорӣ ва рушди шабакаи муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ташаккул ва рушди низоми таҳсилоти иловагӣ.

**Моддаи 6. Тартиби гирифтани таҳсилоти иловагӣ**

1. Шаҳрвандон таҳсилоти иловагиро берун аз барномаҳои асосии таълимӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ мегиранд.

2. Гирифтани таҳсилоти иловагӣ ба принсипҳои интихоби ихтиёрии навъҳои муассисаҳо ва намудҳои фаъолият асос ёфта, бо розигии падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда, коллективҳои меҳнатӣ, ташкилотҳо ва фондҳои ҷамъиятӣ амалӣ гардонида мешавад.

3. Падару модарон бо мақсади истифодабарии самараноки вақти холии фарзандон барои ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ фаро гирифтани онҳо вобаста ба майлу хоҳиш, рағбат ва қобилияташон мусоидат менамоянд.

4. Тартиби гирифтани таҳсилоти иловагии калонсолон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

5. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат доранд, таҳсилоти иловагиро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта метавонанд.

**Моддаи 7. Забони таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

Таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ карда мешавад.

### БОБИ 2. ТАШКИЛ ВА ИДОРАКУНИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

**Моддаи 8. Тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

1. Тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

2. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, бо назардошти эҳтиёҷоти иҷтимоию иқтисодӣ, миллӣ, фарҳангию таҳсилотӣ, дар сурати мавҷуд будани заминаи зарурии таълимию методӣ, моддию техникӣ, кадрҳои омӯзгорӣ ва риояи меъёрҳо, қоидаҳо ва стандартҳои санитарию гигиенӣ таъсис дода мешаванд.

3. Муассис (муассисон)-и муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ инҳо буда метавонанд:

- мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф;
- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ.

4. Муассисон метавонанд муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии муштарак таъсис диҳанд.

**Моддаи 9. Сохтор ва низоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

1. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ аз рӯи шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият давлатӣ ва хусусӣ буда метавонанд.

2. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ метавонанд дар шакли академияи хурди илмҳо, марказҳо, аз ҷумла марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон, қасрҳо, хонаҳои эҷодии кӯдакону наврасон, стансияҳо, студияҳо, мактабҳои санъат, муассисаҳои таълимии ибтидоии махсуси бадеӣ, мактабҳои касбии варзишӣ, ҳунарӣ, мусиқӣ, мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон, мактабҳои махсуси варзишии захираҳои олимпии кӯдакону наврасон, клубҳо, аз ҷумла клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маҳалли зист, клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маъюбон, варзишгоҳҳои кӯдакона, муассисаҳои солимгардонӣ фаъолият намоянд.

3. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ метавонанд маҷмӯӣ ва соҳавӣ бошанд. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии маҷмӯӣ фаъолияти худро аз рӯи самтҳои гуногуни таҳсилоти иловагӣ (илмию техникӣ, таҷрибавию санҷишӣ, ҷамъиятию гуманитарӣ, китобдорию китобшиносӣ, сайёҳию кишваршиносӣ, бадеию эстетикӣ, экологию табиатшиносӣ, тарбияи ҷисмонию варзишӣ, ҳарбию ватандӯстӣ, солимгардонию гигиенӣ) ташкил менамоянд. Ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии маҷмӯӣ қасрҳо ва марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон дохил мешаванд.

4. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии соҳавӣ фаъолияти худро аз рӯи самтҳои мушаххаси таҳсилоти иловагӣ ташкил мекунанд. Ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии соҳавӣ марказҳои илмию техникӣ, эҷодиёти бадеию эстетикӣ, хонаҳои эҷодии кӯдакону наврасон, клубҳои сайёҳию кишваршиносӣ, экологию табиатшиносӣ, варзишию солимгардонӣ, ҳарбию ватандӯстӣ, стансияҳои сайёҳони ҷавон, табиатдӯстон, техникҳои ҷавон, мактабҳои санъат, муассисаҳои таълимии ибтидоии махсусгардонидашудаи бадеӣ, студияҳо, мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон, варзишгоҳҳои кӯдакона ва муассисаҳои солимгардонӣ мансуб мебошанд.

5. Иттиҳодияҳои эҷодии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ба тариқи зайл тасниф карда мешаванд:

- ибтидоӣ – намуди иттиҳодияи эҷодии самти инкишофи умумӣ, ки барои ошкор намудани қобилияту истеъдоди таълимгирандагон ва инкишофи шавқу рағбати онҳо ба фаъолияти эҷодӣ мусоидат менамояд;
- асосӣ – намуди иттиҳодияи эҷодие, ки шавқу рағбати устувори таълимгирандагонро инкишоф дода, ба онҳо дониш, маҳорату малакаҳои амалӣ медиҳад ва эҳтиёҷоти онҳоро зимни интихоби касб қонеъ мегардонад;
- олӣ – намуди иттиҳодияи эҷодие, ки аз рӯи шавқу рағбат барои таълимгирандагони қобилиятноку боистеъдод таъсис дода мешавад.

**Моддаи 10. Идоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

1. Ба муассисаи таълимии таҳсилоти иловагӣ директори он роҳбарӣ мекунад. Мақоми дастаҷамъии идоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ шӯрои омӯзгорӣ мебошад.

2. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ бо мақсади таъминоти методӣ ва такмили раванди таълиму тарбия шӯрои методӣ таъсис дода мешавад.

**Моддаи 11. Мақомоти идоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

1. Муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ аз ҷониби мақомоти зерин идора карда мешаванд:

- мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф;
- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ дар тобеияти онҳо қарор доранд;
- мақомоти маҳаллии идораи маориф.

2. Идоракунии муассисаҳои хусусии таълимии таҳсилоти иловагӣ аз ҷониби муассис (муассисон) амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 12. Ваколатҳои мақомоти идоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

1. Мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф якҷоя бо дигар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ дар тобеияти онҳо қарор доранд:

- сиёсати давлатиро дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ татбиқ менамоянд;
- барномаҳои рушди таҳсилоти иловагиро таҳия мекунанд;
- низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд;
- дар бораи меъёрҳои таъминоти моддию техникӣ ва молиявии таҳсилоти иловагӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд;
- санадҳои меъёрии ҳуқуқиро барои муайян намудани кафолатҳои иҷтимоии кормандони омӯзгорӣ, мутахассисони муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, новобаста аз тобеият, шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, таҳия мекунанд;
- роҳбарии таълимию методӣ ва назорати раванди таълимро дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, амалӣ мегардонанд;
- дигар ваколатҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

2. Мақомоти давлатии ҷумҳуриявии идораи маориф барои фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома медиҳад.

3. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколатҳояшон:

- ҳаҷми маблағгузории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро бо тартиби муқарраргардида муайян ва тасдиқ менамоянд;
- нигоҳдорӣ ва таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, афзоиши шабакаи онҳо, назорати истифодаи самараноки қитъаҳои замини ба онҳо вобасташударо таъмин менамоянд;
- иловапулиро ба маоши кормандони омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ муайян ва пардохт мекунанд;
- ҳифзи иҷтимоии таълимгирандагон, кормандони омӯзгорӣ, мутахассисон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро таъмин менамоянд.

4. Мақомоти маҳаллии идораи маориф дар доираи ваколатҳояшон:

- барои интихоби намудҳои фаъолияти эҷодии таълимгирандагон мувофиқи шавқу рағбаташон ва дархости падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда шароит муҳайё мекунанд;
- бо тартиби муқарраршуда такмили ихтисос ва аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгории муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагиро мегузаронанд;
- фаъолияти коллективҳои омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дигар ташкилотҳо ва оиларо барои гирифтани таҳсилоти иловагии таълимгирандагон ҳамоҳанг месозанд, таҷрибаи пешқадами онҳоро ҷамъбаст ва паҳн менамоянд ва фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро назорат мекунанд;
- дигар ваколатҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

**Моддаи 13. Назорати давлатии фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

1. Назорати давлатии фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ бо мақсади татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ амалӣ мегардад.

2. Назорати давлатии фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф, мақомоти маҳаллии идораи маориф ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ дар тобеияти онҳо қарор доранд, таъмин менамоянд.

3. Шакли асосии назорати давлатии фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ аттестатсияи давлатии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ мебошад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

4. Аттестатсияи давлатии ғайринавбатии муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ ба таври истисно танҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

5. Аттестатсияи давлатии ғайринавбатии муассисаҳои хусусии таълимии таҳсилоти иловагӣ ба таври истисно танҳо бо қарори муассис (муассисон) ё мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф гузаронида мешавад.

6. Аттестатсияи давлатии кормандони омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ дар ҳар панҷ сол як маротиба мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

7. Ба кормандони омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсияи давлатӣ дараҷаи муайяни тахассусӣ дода мешавад.

### БОБИ 3. РАВАНДИ ТАЪЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

**Моддаи 14. Самтҳои асосии таҳсилоти иловагӣ**

Таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ аз рӯи самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- илмию техникӣ, ки аз бар намудани маҳорату малакаҳои техникию технологӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, азхудкунии техникаю технологияи муосир ва илмҳои дақиқ, инчунин ба кори фаъолонаи илмию таҳқиқотӣ тайёр шудани таълимгирандагонро таъмин менамояд;
- таҷрибавию амалӣ, ки барои ҷалб намудани таълимгирандагон ба фаъолияти илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавӣ, конструкторӣ ва ихтироъкорӣ дар соҳаҳои гуногуни илму техника, фарҳангу санъат, инчунин фароҳам овардани шароит барои худтакомули эҷодӣ, ошкор сохтан ва инкишофу дастгирии истеъдодҳои ҷавон мусоидат мекунад;
- ҷамъиятию гуманитарӣ, ки инкишофи қобилияту истеъдод, малака ва маҳорати амалии таълимгирандагонро дар самти азхудкунии донишҳо доир ба асосҳои илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ таъмин мекунад;
- китобдорию китобшиносӣ, ки барои боло бурдани шавқи маърифатӣ, фарҳангию иттилоотӣ ва такмили малакаю маҳорати таълимгирандагон бахри муайян ва мустаҳкам кардани мавқеи онҳо дар ҷаҳони муосири иттилоотӣ нигаронида шудааст;
- экологию табиатшиносӣ, ки аз бар намудани донишҳоро дар бораи муҳити зист, ташаккули маърифати экологии шахс, дар бораи масъалаҳои экологӣ ва таҷрибаи ҳалли онҳо, андӯхтани донишу малакаро дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла гулпарварӣ, ҷангалпарварӣ, боғдорӣ, занбӯриасалпарварӣ ва ҷалб кардан ба кори амалии ҳифзи табиат ва дигар самтҳои биологиро пешбинӣ менамояд;
- сайёҳию кишваршиносӣ, ки ҷалби таълимгирандагонро барои омӯзиши таърихи кишвар ва маҳалли зист, тамаддуни ҷаҳонӣ, объектҳои ҷуғрофӣ, таърихию фарҳангӣ ва зуҳуроти ҳаёти иҷтимоӣ, аз бар кардани малакаҳои амалӣ ва маҳорати сайёҳию кишваршиносӣ таъмин менамояд;
- бадеию эстетикӣ, ки инкишофи истеъдоду қобилияти эҷодии таълимгирандагон, аз бар намудани малакаҳои амалӣ ва дар соҳаи фарҳангу санъати ватанӣ ва ҷаҳонӣ дониш андӯхтани онҳоро таъмин менамояд;
- тарбияи ҷисмонию варзишӣ, ки инкишофи қобилияти ҷисмонии таълимгирандагон, шароити зарурӣ барои солимии мукаммал, обутобёбӣ, истироҳату фароғат, машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тайёр кардани захираҳои варзишӣ барои дастаҳои мунтахаби миллӣ, аз бар кардани малакаҳои тарзи ҳаёти солимро таъмин менамояд;
- ҳарбию ватандӯстӣ, ки тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, дарки масъулияти шаҳрвандӣ ва дараҷаи зарурии тайёрии таълимгирандагонро ба хизмати ҳарбӣ таъмин мекунад;
- солимгардонию гигиенӣ, ки таъмини шароити заруриро барои истироҳати бофароғат, аз бар намудани донишҳо оид ба тарзи ҳаёти солим, аз худ намудани малакаи беҳдошти саломатии шахсӣ ва ташаккули фарҳанги гигиении шахсро пешбинӣ менамояд.

**Моддаи 15. Шаклҳои ташкили таҳсилоти иловагӣ**

1.Таҳсилоти иловагӣ дар шакли равиявӣ мувофиқи имкониятҳои фардӣ, шавқу рағбат, майлу хоҳиш, қобилият ва дараҷаи маҳорати таълимгирандагон, бо назардошти дараҷаи таҳсилот, ихтисос, собиқаи кор, синну сол, хусусиятҳои рӯҳию ҷисмонӣ, вазъи саломатии онҳо, дар шаклҳои машғулият, маҳфил, дарс, лексия, машғулияти фардӣ, конференсия, семинар, хониш, саволу ҷавоб, консерт, мусобиқа, машқ, саёҳат, экспедитсия, кори амалӣ дар озмоишгоҳҳо, устохонаҳо, гармхона, қитъаҳои замини илмию таҷрибавӣ, дар корхонаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ, дар табиат ва дигар шаклҳои пешбининамудаи Оинномаи муассисаи таълимии таҳсилоти иловагӣ гузаронида мешавад.

2. Шумораи таълимгирандагон дар гурӯҳҳо вобаста ба соҳа ва имкониятҳои ташкили раванди таълиму тарбия, инчунин тартиби ташкили корҳои фардӣ ва гурӯҳӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ тибқи талаботи Оинномаи муассисаи таълимии таҳсилоти иловагӣ муайян карда мешавад.

3. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ба хатмкунандагон бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф оид ба таҳсилоти иловагӣ ҳуҷҷатҳои дахлдор медиҳанд. Намунаи шаҳодатнома (сертификат)-ро мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф тасдиқ мекунад.

4. Шаҳодатнома (сертификат)-ҳо барои муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва дигар манбаъҳои маблағгузорӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст ва барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии хусусӣ аз ҳисоби маблағҳои муассис (муассисон) тайёр карда мешаванд.

### БОБИ 4. СУБЪЕКТҲОИ РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

**Моддаи 16. Субъектҳои раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

Субъектҳои раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ инҳо мебошанд:

- таълимгирандагон;
- директор, муовин (муовинон)-и директор;
- кормандони омӯзгорӣ, равоншиносон, китобдорон ва дигар мутахассисоне, ки ба раванди таълиму тарбия ҷалб шудаанд;
- падару модарони таълимгирандагон ё шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд;
- намояндагони корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки дар раванди таълиму тарбия иштирок мекунанд.

**Моддаи 17. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

1. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъектҳои раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни мазкур, Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, муайян менамоянд.

2. Давлат ҳуқуқҳои таълимгирандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро ҳимоя намуда, ташкили таълиму тарбияи кӯдакони ноболиғи оилаҳои камбизоат ва серфарзанд, кӯдакони маъюб, ятимон ва кӯдакони бепарасторро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мекунад.

3. Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, инчунин нафақахӯроне, ки қаблан кормандони омӯзгории чунин муассисаҳо буданд, ба имтиёзҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи омӯзгории муассисаҳои таълимии давлатӣ пешбинӣ намудааст, ҳуқуқ доранд.

**Моддаи 18. Тайёр кардан ва такмили ихтисоси кормандони омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

1. Кормандони омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ тайёр мекунанд.

2. Такмили ихтисоси кормандони омӯзгории муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ дар ҳар панҷ сол на камтар аз як маротиба аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ амалӣ карда мешавад.

3. Такмили ихтисоси кормандони омӯзгории муассисаҳои хусусии таълимии таҳсилоти иловагӣ дар ҳар панҷ сол на камтар аз як маротиба аз ҳисоби маблағҳои муассис (муассисон) амалӣ карда мешавад.

### БОБИ 5. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГӢ ВА ЗАМИНАИ МОДДИЮ ТЕХНИКИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

**Моддаи 19. Фаъолияти молиявию хоҷагии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

1. Фаъолияти молиявию хоҷагии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

2. Маблағгузории муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва муассисаҳои хусусии таълимии таҳсилоти иловагӣ аз ҳисоби муассис (муассисон) сурат мегирад.

3. Муассисаҳои давлатӣ ва хусусии таълимии таҳсилоти иловагӣ метавонанд инчунин аз ҳисоби манбаъҳои иловагӣ, ки истифодабарии онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, маблағгузорӣ карда шаванд.

4. Кӯдакони оилаҳои камбизоат, кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор дар муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ ба таври ройгон таҳсил мекунанд.

5. Манбаъҳои иловагии маблағгузории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ инҳоянд:

- воситаҳое, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ барои расонидани хизматҳои иловагии таҳсилотӣ, аз иҷрои корҳо тибқи фармоиши корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ, инчунин даромад аз фурӯши маҳсулоти худӣ ба даст овардаанд;
- кӯмаки башардӯстона;
- маблағҳои эҳсонкорӣ, сарватҳои моддӣ, ки аз корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, инчунин шахсони воқеии алоҳида қабул шудаанд;
- дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

6. Маблағҳои иловагии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ мутобиқи тартиби муайяннамудаи моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» танҳо барои фаъолияти оинномавӣ истифода бурда мешаванд.

**Моддаи 20. Заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

1. Ба заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ биною иншоот, таҷҳизот, воситаҳои алоқа, нақлиёт, қитъаҳои замин, дигар молу мулки манқул ва ғайриманқул дохил мешаванд.

2. Ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ барои амалӣ намудани корҳои таълимию тарбиявӣ иншоотҳои варзишӣ,фарҳангӣ, солимгардонӣ ва дигар иншоот бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодабарӣ дода мешаванд.

3. Талабот нисбат ба заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ аз рӯи меъёрҳои дахлдори сохтмонӣ ва санитарию гигиенӣ, қоидаю стандартҳои сохтмон ва нигоҳдории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва нақшаю барномаҳои таълимӣ муайян карда мешавад.

4. Ҳуқуқи муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ба истифодаи қитъаҳои замине, ки дар ҳудуди он ҷойгир шудаанд, мутобиқи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ бо тартиби муқарраргардида муайян карда мешавад.

5. Фондҳои асосӣ ва дигар молу мулки муассисаҳои давлатӣ ва хусусии таълимии таҳсилоти иловагӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусодира карда намешаванд.

6. Молу мулки муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ аз ҷониби муассис (муассисон) танҳо бо мақсадҳое, ки дар Оинномаи онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, барои рушди муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ истифода бурда мешаванд.

7. Истифодаи заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ бо мақсадҳои хилофи вазифаҳои асосӣ ва манфиатҳои таълим манъ аст.

**Моддаи 21. Фаъолияти пулакии муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ**

Муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф фаъолияти пулакиро ба роҳ монанд.

### БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 22. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ**

Мақомоти идоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ҳуқуқ доранд бо мақомоти идоракунии маориф ва муассисаҳои таълимии мамлакатҳои хориҷӣ, ташкилоту фондҳои байналмилалӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ созишномаҳо баста, робитаҳои бевосита муқаррар намоянд.

**Моддаи 23. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 24. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №826**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Қарори
### Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад**:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 21 декабри соли 2011 №627**

## Қарори
### Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №302**

Қонуни мазкур низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян карда, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти онҳоро танзим менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мавзӯи танзим ва доираи амали Қонуни мазкур**

1. Мавзӯи танзими Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатие, ки ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошанд, инчунин асосҳои ташкили фаъолияти онҳо дар низоми идоракунии давлатӣ мебошад.

2. Амали Қонуни мазкур нисбат ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва дигар мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тартиби ташкил, салоҳият ва фаъолияти онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд, татбиқ намегардад.

**Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **мақоми идоракунии давлатӣ** – мақоми давлатие, ки вазифаҳои умумии идоракуниро тибқи принсипҳои идоракунии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муайяни фаъолият амалӣ менамояд;

- **мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ** - шакли ташкилии амалисозии идоракунии давлатиест, ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуда, фаъолият менамояд;

- **низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ** - маҷмӯи мақомоте, ки таҳти тобеияти якдигар (муносибатҳои иерархӣ) қарор дошта, функсияҳои идоракунии давлатиро мустақилона ва дар ҳамкории мутақобила татбиқ менамоянд ва ба мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тақсим мешаванд;

- **мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ** - мақоме, ки дар асоси ваколати ба он вогузорнамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои таҳияву татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият ва дигар функсияҳои иҷроияро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд;

- **ҳамоҳангсозӣ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ** - маҷмӯи ваколат ва функсияҳое, ки бо мақсади таъмини сиёсати ягона дар соҳаи муайян тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ё шахсони мансабдори алоҳида вогузор карда шудаанд;

- **ғайритаҷаммӯъсозии ҳокимияти иҷроия** - раванди тибқи қонун танзимгардидае, ки дар ҷараёни он қисми функсияи мақоми иҷроияи болоии ҳокимияти давлатӣ ба зиммаи мақоми иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ вогузор карда мешавад;

- **ғайримутамарказгардонии ҳокимияти иҷроия** - раванди дар асоси қонун вогузор намудани қисми ваколатҳои ҳокимият ва ё функсияҳо аз мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо ва тавсеаи доираи ваколатҳои мақомоти поёнии идоракунӣ аз ҳисоби мақомоти сатҳи болоӣ;

- **шартномаи маъмурӣ** – санади ҳуқуқие, ки дар асоси он мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи талабот ва шартҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои ҳокимияти давлатиро (ба истисноии функсияҳои назоратӣ) ба зиммаи мақоми иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳо вогузор менамояд;

- **назорати дохилӣ** - маҷмӯи тадбирҳои мустақили мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ оид ба гузаронидани санҷиш ва арзёбии фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва шахсони мансабдори ҳамин мақом, ки барои таъмини иҷрои талаботи қонуният, самаранокӣ ва мақсаднокии фаъолияти онҳо нигаронида шудааст;

- **назорати хизматӣ** - маҷмӯи тадбирҳои мукаммале, ки қонуният, самаранокӣ ва мақсаднокиро дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъмин менамояд ва тавассути он мақоми иҷроияи болоии ҳокимияти давлатӣ нисбат ба мақоми иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ функсияҳои назоратиро анҷом медиҳад.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 4. Принсипҳои асосии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ**

Принсипҳои асосии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ инҳоянд:

- волоияти Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- самарабахшии ҳокимияти давлатӣ ва самтгирӣ ба натиҷаҳои ниҳоӣ;
- риояи манфиатҳои ҷамъиятӣ (оммавӣ);
- ҳисоботдиҳии дақиқ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;
- ғайритаҷаммӯъсозӣ ва ғайримутамарказгардонии ҳокимияти давлатӣ;
- кордонӣ ва риояи одоб дар амал ва қарорҳои хизматчиёни давлатӣ;
- асоснокӣ ва шаффофият зимни тақсиму истифодаи захираҳо ва молияи давлатӣ;
- шаффофият ва дақиқии ташкил ва фаъолият дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;
- ошкоро будани низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ҷалби қисми фаъоли аҳолӣ ба раванди идоракунии давлатӣ.

**Моддаи 5. Низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ**

1. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

- Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- вазоратҳо ва кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти машваратию маслиҳатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам дода мешаванд.

3. Низомнома, Сохтори дастгоҳи марказӣ, Нақшаи идоракунӣ ва шумораи ниҳоии кормандони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Ваколат ва функсияҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар Низомномаи он муқаррар карда мешаванд.

4. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва дигар манбаъҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мегарданд.

**Моддаи 6. Ҳисоботдиҳанда будан ва ҳамоҳангсозӣ дар низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ**

1. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошанд. Тартиби ҳисоботро Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ менамоянд.

2. Ҳисоботдиҳанда будани мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар ҷараёни назорати хизматӣ, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, амалӣ карда мешавад.

3. Мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро оид ба таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дахлдор ҳамоҳанг месозад.

4. Мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар ҷараёни татбиқи функсияҳои ҳамоҳангсозӣ нисбат ба дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ дорад:

- аз дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ маълумоти дахлдорро ба даст орад;
- ба дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳое, ки таҳти салоҳияташ қарор доранд ва вобаста ба онҳо фаъолияти ҳамоҳангсозӣ сурат мегирад, дастур диҳад;
- дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ намояд.

**Моддаи 7. Назорати хизматӣ**

1. Дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои таъмини қонуният ва мақсаднокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ назорати хизматӣ вобаста ба ҳисоботдиҳанда будан амалӣ карда мешавад. Тартиби амалӣ намудани назорати хизматиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

2. Назорати хизматиро роҳбари мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъмин менамояд.

3. Назорати хизматӣ тибқи тартиби тобеият мутобиқи Қонуни мазкур, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати хизматиро танзим менамоянд, амалӣ карда мешавад.

4. Роҳбаре, ки назорати хизматиро амалӣ менамояд, метавонад аз мақомоти иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дигар ҳуҷҷатҳоро талаб намояд, аз шахсони мансабдор тавзеҳот ва хулоса гирад. Мақомоти дахлдор бояд ҳуҷҷат ва тавзеҳоти зикргардидаро дар мӯҳлати на дертар аз се рӯзи корӣ пешниҳод намоянд, агар мақоми анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ мӯҳлати нисбатан дарозтарро муқаррар накарда бошад.

## БОБИ 2. АСОСҲОИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАРКАЗИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Моддаи 8. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Дастгоҳи иҷроия) мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ буда, фаъолияти он бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои конститутсионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Дастгоҳи иҷроия инчунин дигар вазифаҳоеро, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, иҷро менамояд.

2. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дастгоҳи иҷроияро таъсис ва барҳам медиҳад, Роҳбари Дастгоҳи иҷроия, муовини якум ва муовинони Роҳбари Дастгоҳи иҷроияро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд, бо пешниҳоди Роҳбари Дастгоҳи иҷроия Низомнома ва Сохтори Дастгоҳи иҷроияро тасдиқ мекунад.

3. Функсияҳои асосии Дастгоҳи иҷроия аз инҳо иборатанд:

- таъмини фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти машваратию маслиҳатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- назорат ва санҷиши иҷрои қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳод намудани маълумот оид ба рафти иҷрои онҳо;
- ҳамоҳангсозии таҳияи сиёсат дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ ва рушди миллӣ, суботи дохилии сиёсӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, дигар самтҳои мубрами рушди давлат ва таъмини таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои мазкур;
- ҳамоҳангсозии банақшагирии стратегӣ, гузаронидани мониторинги татбиқи сиёсати мувофиқашуда ва нақшаҳои стратегии қабулгардида, таҳияи пешниҳодот оид ба такмили онҳо;
- таҳлили самарабахшии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таҳияи тавсияҳо оид ба такмили минбаъдаи фаъолияти онҳо ва роҳбарии ислоҳоти идоракунии давлатӣ;
- ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷалби онҳо ба раванди таҳия ва татбиқи сиёсат оид ба масъалаҳои мубрами рушди давлат;
- ҳамоҳангсозии омодагӣ ба ҷаласаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- назорати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҳамоҳангсозии ҳамкории мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ бо Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳокимияти судӣ;
- иттилоотонии ҷомеа оид ба фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вобаста ба натиҷаҳои татбиқи сиёсат дар самтҳои мубрами рушди кишвар;
- амалӣ намудани дигар функсияҳое, ки Низомномаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

**Моддаи 9. Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Роҳбари Дастгоҳи иҷроия роҳбарии умумии фаъолияти Дастгоҳи иҷроияро дар асоси яккасардорӣ анҷом дода, барои иҷрои вазифаҳо ва функсияҳои ба зиммаи Дастгоҳи иҷроия гузошташуда дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти шахсӣ дорад.

2. Ваколатҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроия дар Низомномаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

**Моддаи 10. Вазорат**

1. Вазорат мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатие мебошад, ки татбиқи сиёсати давлатӣ ва идоракуниро дар соҳаи муайяни фаъолият амалӣ намуда, инчунин дар доираи пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти дигар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро дар ҳамин соҳа ҳамоҳанг месозад.

2. Вазорат функсияҳои худро мустақиман ё тавассути мақомоти ҳудудии худ анҷом медиҳад.

3. Вазоратро дар низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам медиҳад. Низомномаи вазоратро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

4. Ба фаъолияти вазорат вазир роҳбарӣ менамояд, ки ӯ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад ва фармон дар ин хусус ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод карда мешавад.

5. Вазир муовини якум ва муовинон дорад, ки бо пешниҳоди ӯ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

6. Теъдоди муовинони вазир, воҳидҳои сохтории вазорат ва функсияҳои асосии онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

7. Муовини якум ва муовинони вазир дар назди вазир ҳисоботдиҳанда мебошанд ва ӯ назорати хизматии фаъолияти онҳоро анҷом медиҳад. Муовинони вазир фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва ташкилотҳои низоми вазоратро тибқи тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи вазорат роҳбарӣ менамоянд ва ҳамоҳанг месозанд.

8. Вазорат функсияҳои асосии зеринро анҷом медиҳад:

- таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ дар соҳаи муайянгардидаи фаъолият;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- андешидани тадбирҳо ва таҳияи пешниҳодот оид ба самтҳои асосӣ ва афзалиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи дахлдори идоракунӣ;
- таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои марбут ба соҳаи фаъолияти вазорат ва пешниҳоди онҳо тибқи тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар асоси қонунҳо амалӣ намудани танзими меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти вазорат ва таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҷалб намудани ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба таҳияю татбиқи сиёсат ва барномаҳои стратегии рушди давлат;
- амалӣ намудани дигар функсияҳое, ки Низомномаи вазорат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

9. Дар вазорат таҳти роҳбарии вазир ҳайати мушовара ташкил карда мешавад, ки ба ҳайати он муовинони вазир (аз рӯи вазифа) ва кормандони пешбари вазорат дохил мешаванд. Аъзои ҳайати мушовара ба ғайр аз шахсоне, ки аз рӯи вазифа дохил мешаванд, бо пешниҳоди вазир аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Қарорҳои ҳайати мушовара тибқи тартиби муқарраргардида бо аксари овози аъзои он қабул карда шуда, бо протокол ба расмият дароварда мешаванд ва бо фармоишҳои вазир дар амал татбиқ карда мешаванд.

10. Дар назди вазорат тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад хадамот, агентиҳо ва дигар мақомотро оид ба масъалаҳои муайяни фаъолият дар соҳаи идоракунии вазорат таъсис диҳад. Функсия ва ваколатҳои мақомоти мазкур дар Низомномаи вазорат ё низомномаҳои ҳамин мақомот пешбинӣ карда мешаванд.

**Моддаи 11. Вазир**

1. Вазир роҳбарии умумии фаъолияти вазоратро дар асоси яккасардорӣ анҷом дода, барои иҷрои вазифаҳо ва функсияҳои ба зиммаи вазорат гузошташуда дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти шахсӣ дорад.

2. Ваколатҳои вазир дар Низомномаи вазорат муайян карда мешаванд.

**Моддаи 12. Кумитаи давлатӣ**

1. Кумитаи давлатӣ мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатие мебошад, ки татбиқи сиёсати давлатӣ ва батанзимдарории байнисоҳавиро амалӣ намуда, инчунин дар доираи пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти дигар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро дар соҳаи дахлдори фаъолият ҳамоҳанг месозад.

2. Кумитаи давлатӣ функсияҳои худро мустақиман ё тавассути мақомоти ҳудудии худ анҷом медиҳад.

3. Кумитаи давлатиро дар низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам медиҳад. Низомномаи кумитаи давлатиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

4. Ба фаъолияти кумитаи давлатӣ раис роҳбарӣ менамояд, ки ӯ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад ва фармон дар ин хусус ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод карда мешавад.

5. Раис муовини якум ва муовинон дорад, ки бо пешниҳоди ӯ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

6. Теъдоди муовинони раис, воҳидҳои сохтории кумитаи давлатӣ ва функсияҳои асосии онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

7. Муовини якум ва муовинони раис дар назди раис ҳисоботдиҳанда буда, ӯ назорати хизматии фаъолияти онҳоро анҷом медиҳад. Муовинони раис фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва ташкилотҳои низоми кумитаи давлатиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи кумитаи давлатӣ роҳбарӣ менамоянд ва ҳамоҳанг месозанд.

8. Функсияҳои асосии кумитаи давлатӣ аз инҳо иборатанд:

- таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ дар соҳаи муайяни фаъолият;
- тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ;
- таҳияи пешниҳодот оид ба самтҳои асосӣ ва афзалиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои дахлдори идоракунӣ ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати иҷрои онҳо;
- таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи масъалаҳои ба соҳаи фаъолияти кумитаи давлатӣ дахлдошта ва пешниҳоди онҳо тибқи тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти кумитаи давлатӣ ва таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҷалб намудани ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба таҳияю татбиқи сиёсат ва барномаҳои стратегии рушди давлат;
- амалӣ намудани дигар функсияҳое, ки Низомномаи кумитаи давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

9. Дар кумитаи давлатӣ таҳти роҳбарии раис ҳайати мушовара ташкил карда мешавад, ки ба ҳайати он муовинони раис (аз рӯи вазифа) ва кормандони пешбари кумитаи давлатӣ дохил мешаванд. Аъзои ҳайати мушовара ба ғайр аз шахсоне, ки аз рӯи вазифа дохил мешаванд, бо пешниҳоди раиси кумитаи давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Қарорҳои ҳайати мушовара тибқи тартиби муқарраргардида бо аксари овози аъзои он қабул карда шуда, бо протокол ба расмият дароварда мешаванд ва бо қарорҳои раиси кумитаи давлатӣ дар амал татбиқ карда мешаванд.

10. Дар назди кумитаи давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад хадамот, агентиҳо ва дигар мақомотро оид ба масъалаҳои муайяни фаъолият дар соҳаи идоракунии кумитаи давлатӣ таъсис диҳад. Функсия ва ваколатҳои мақомоти мазкур дар Низомномаи кумитаи давлатӣ ё низомномаҳои ҳамин мақомот пешбинӣ карда мешаванд.

**Моддаи 13. Раиси кумитаи давлатӣ**

1. Раис роҳбарии умумии фаъолияти кумитаи давлатиро дар асоси яккасардорӣ анҷом дода, барои иҷрои вазифаҳо ва функсияҳои ба зиммаи кумитаи давлатӣ гузоштошуда дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти шахсӣ дорад.

2. Ваколатҳои раиси кумитаи давлатӣ дар Низомномаи кумитаи давлатӣ муайян карда мешаванд.

**Моддаи 14. Мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ буда, дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи муайяни фаъолият амалӣ менамояд. Ба мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сардор ё директор роҳбарӣ менамояд.

2. Мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои худро мустақиман ё тавассути мақомоти ҳудудии худ анҷом медиҳад.

3. Мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам дода мешавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбар, муовини якум, муовинони роҳбари мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд ва бо пешниҳоди роҳбари мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомнома, Сохтори дастгоҳи марказӣ, Нақшаи идоракунӣ ва шумораи ниҳоии кормандони ҳамин мақомро тасдиқ мекунад. Мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошад.

4. Функсияҳои асосии мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборатанд:

- тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи муайяншудаи фаъолият;
- анҷом додани функсияҳои назоратӣ дар соҳаи муайяншудаи фаъолият;
- таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати татбиқи функсияҳои худ;
- пешбурди мониторинг ва таҳияи пешниҳод оид ба такмили фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо дар соҳаи муайяни фаъолият;
- амалӣ намудани дигар функсияҳое, ки Низомномаи мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

5. Дар мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии роҳбари мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати мушовара ташкил карда мешавад, ки ба ҳайати он муовинони роҳбар (аз рӯи вазифа) ва кормандони пешбари мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд. Аъзои ҳайати мушовара ба ғайр аз шахсоне, ки аз рӯи вазифа дохил мешаванд, бо пешниҳоди роҳбари мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Қарорҳои ҳайати мушовара тибқи тартиби муқарраргардида бо аксари овози аъзои он қабул карда шуда, бо протокол ба расмият дароварда мешаванд ва бо фармоишҳои роҳбари мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал татбиқ карда мешаванд.

6. Ваколатҳои роҳбари мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Низомномаи мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

7. Дар назди мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дигар мақомот оид ба масъалаҳои муайяни фаъолият дар соҳаи идоракунии мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис диҳад. Функсия ва ваколатҳои мақомоти мазкур дар Низомномаи мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё низомномаҳои ҳамин мақомот пешбинӣ карда мешаванд.

**Моддаи 15. Мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ буда, функсияҳои махсуси иҷроиявӣ, назоратӣ, иҷозатдиҳӣ ва дигар функсияҳоро дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият анҷом медиҳад. Ба мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раис, сардор, директор роҳбарӣ менамояд.

2. Мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои худро мустақиман ё тавассути мақомоти ҳудудии худ анҷом медиҳад.

3. Мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам дода мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбар, муовини якум ва муовинони роҳбари мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд. Мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошад.

4. Дар мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии роҳбари мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати мушовара ташкил карда мешавад, ки ба ҳайати он муовинони роҳбар (аз рӯи вазифа) ва кормандони пешбари мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд. Аъзои ҳайати мушовара ба ғайр аз шахсоне, ки аз рӯи вазифа дохил мешаванд, бо пешниҳоди роҳбари мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Қарорҳои ҳайати мушовара тибқи тартиби муқарраргардида бо аксари овози аъзои он қабул карда шуда, бо протокол ба расмият дароварда мешаванд ва бо фармоишҳои роҳбари мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал татбиқ карда мешаванд.

5. Ваколатҳои роҳбари мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Низомномаи мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

6. Дар назди мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дигар мақомот оид ба масъалаҳои муайяни фаъолият дар соҳаи идоракунии мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис диҳад. Функсия ва ваколатҳои мақомоти мазкур дар Низомномаи мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё низомномаҳои ҳамин мақомот пешбинӣ карда мешаванд.

**Моддаи 16. Мақомоти машваратию маслиҳатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти машваратию маслиҳатӣ таъсис диҳанд, ки дорои ваколатҳои мустақили ҳокимият намебошанд ва функсияҳои идоракунии давлатиро анҷом намедиҳанд.

2. Вазифа ва тартиби фаъолияти мақомоти машваратию маслиҳатиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, Низомномаи онҳоро тасдиқ менамоянд.

## БОБИ 3. АСОСҲОИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАРКАЗИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Моддаи 17. Дастгоҳи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ**

1. Барои таъмини фаъолияти мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани ваколатҳои он дастгоҳи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ (минбаъд – дастгоҳ) таъсис дода мешавад.

2. Дастгоҳ таъминоти ҳуқуқӣ, ташкилӣ, илмию таҳлилӣ, иттилоотию ахборотӣ ва дигар намудҳои таъмини фаъолияти мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд.

3. Роҳбари мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ низомномаҳои дастгоҳ ва воҳидҳои сохтории он, басти вазифаҳои дастгоҳро дар доираи сметаи хароҷоти мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тасдиқ намуда, оид ба масъалаҳои ташкил ва фаъолияти дастгоҳ фармоиш (қарор) қабул мекунад.

4. Воҳидҳои сохтории дастгоҳ ва воҳидҳои тобеи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба функсия, ваколат ва шумораи ниҳоии кормандон метавонанд дар шакли зерин ташкил карда шаванд:

- сарраёсат;
- раёсат;
- шӯъба;
- бахш.

5. Воҳидҳои сохтории дастгоҳ шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб нарафта, ҳамчун воҳидҳои ташкилию иҷроиявии таъминкунанда ва батанзимдаровараандаи фаъолияти дастгоҳ буда, қисми таркибии ҷудонашавандаи дастгоҳи дахлдор ба ҳисоб мераванд.

6. Дастури методӣ оид ба таҳияи низомномаҳои дастгоҳ, воҳидҳои сохтории он ва воҳидҳои тобеи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, инчунин Тартиби намунавии ташаккули воҳидҳои сохтории дастгоҳ ва воҳидҳои тобеи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

**Моддаи 18. Низомномаи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ**

1. Низомномаи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ санади меъёрии ҳуқуқӣ буда, аз ҷониби муассиси мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

2. Низомномаи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ маълумоти зеринро дар бар мегирад:

- номи пурра ва маҳали ҷойгиршавии мақом;
- соҳаи фаъолият, ваколат ва вазифаҳои мақом;
- ташкили роҳбарӣ, аз ҷумла самтҳои дақиқи ҳисоботдиҳӣ ва низоми назорати дохилӣ;
- ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои роҳбари мақом;
- дигар муқаррароти моҳиятан муҳиме, ки аз мушаххасоти фаъолият дар соҳаи идоракунии мақом бармеоянд.

**Моддаи 19. Назорати дохилӣ**

1. Дар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳидҳои назорати дохилӣ таъсис дода мешаванд ва фаъолият менамоянд.

2. Назорати дохилӣ бояд инҳоро таъмин намояд:

- риояи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти мақом;
- ҳифзи молу мулк аз хароҷоти зиёд, расонидани зарар бинобар истифодаи ғайримақсаднок, идоракунии бесалоҳият ва дигар сабабҳои шабеҳ;
- мақсаднок ва самаранок будани фаъолияти мақом ҳангоми иҷрои вазифаҳои он;
- ҷамъоварӣ, нигоҳдошт ва ба иттилои омма расонидани маълумоти саҳеҳ, саривақтӣ ва боэътимод оид ба фаъолияти мақом.

3. Назорати дохилиро дар мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ роҳбари мақом таъмин менамояд ва барои натиҷабахшии он масъул мебошад.

**Моддаи 20. Вогузории функсияҳои ҳокимияти иҷроия**

1. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ метавонанд дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои дорои хусусияти ёрирасон ё функсияи хизматрасонӣ ба аҳолиро ба зиммаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо вогузор намоянд.

2. Вогузории функсияҳои ҳокимияти иҷроия дар ҳолатҳои зайл амалӣ карда мешавад:

- агар чунин имконият тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ ва танзим шуда бошад;
- агар вогузории функсияҳо аз нигоҳи иқтисодӣ асоснок бошад;
- агар ҳангоми иҷрои функсияи мазкур сифати он халалдор нагардад ва ба манфиатҳои оммавӣ зиён наоварад.

3. Вогузор намудани функсияҳо ва амалӣ намудани онҳо дар асоси шартномаи маъмурӣ анҷом дода мешавад.

4. Тартиби вогузор намудани функсияҳо, ба имзо расонидани шартномаи маъмурӣ ва амалӣ намудани онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

## БОБИ 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 21. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 22. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №828**




## «Одина» бунёд мекунад

**ДУШАНБЕ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Бригадаи сохтмончиёни Артели заршӯйии «Одина» ба сохтмони таҳкурсии бинои мактаб-интернат дар шаҳраки Шугнови ноҳияи Ховалинг оғоз намуд. Тибқи лоиҳа, ин мактаб-интернат барои 320 нафар хонанда пешбинӣ шудааст. Ба мавзеи корӣ 80 тонна семент, 30 тонна арматура ва дигар маводи сохтмонӣ дастрас шуд. Ҳамчунин сохтмони бинои коргоҳи заргарӣ низ, ки дар он 30 нафар коргарон ба кор ҷалб мешаванд, дар назар аст.

Дар ин бора аз котиботи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд. Дар хабар омадааст, ки Артели заршӯйии « Одина» барои ҷалби боз ҳам бештари одамон ба фаъолияти меҳнатӣ тадбирҳо меандешад. Чунончӣ, лоиҳаи коргоҳи нонпазӣ низ тарҳрезӣ гардидааст, ки баъди бунёди он даҳ нафар ба кор ҷалб хоҳанд шуд. Сафи аъзои бригадаҳои сохтмонӣ бошад, боз 60 нафар зиёд мешавад.

## Омодагӣ ба ҷашн

**ҲИСОР. (М. ЗОКИР, «Садои мардум»)** Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015-ум сеҳазорсолагии Ҳисор ҷашн гирифта мешавад. Дар доираи ин ҷашн имрӯзҳо дар ҳудуди шаҳраку деҳоти ноҳия ободонию созандагӣ бомаром идома дорад. Аз ҷумла дар деҳаи Ҳуснободи деҳоти Ҳисор бо дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ ва сокинон роҳҳое, ки аз миёни деҳаҳо мегузаранд, таъмир, ҷӯйборҳо тозаю боғҳои нав бунёд мешаванд. Сокинони деҳаи Гулмайдон то имрӯз дар атрофи кӯчаву маҳаллаҳо зиёда аз чор ҳазор бех ниҳоли дарахтони сояафкан ва 675 бех ниҳоли дарахтони мевадиҳанда шинониданд.

## Барномаи нав муаррифӣ гардид

**ШУҒНОН. (Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»)** «Барномаи хати оби нӯшокӣ ва беҳтаркунии ҳолати санитарӣ дар деҳоти кӯҳистони Бадахшон» - чунин ном дошт семинари омӯзишӣ, ки дар деҳоти Сучони ноҳияи Шуғнон доир гардид. Ин барнома дар асоси шартномаи сеҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бунёди Оғохон ва Оҷонсии Швейтсария оид ба рушд роҳандозӣ мешавад. Дар семинар муовини сардори Раёсати ҳифзи табиати вилоят Фарҳод Мамадназарбеков, менеҷери минтақавии бахши муҳандисии Барномаи инкишофи иҷтимоии манотиқи кӯҳистони Бунёди Оғохон Хуҷамёр Хуморików ва дигар коршиносон доир ба роҳҳои татбиқи барнома, инчунин асноди ҳуқуқӣ оид ба истифодаи обу захираҳои обӣ дар кишвар маълумот доданд.

## Соҳилҳоро мустаҳкам мекунанд

**ПАНҶАКЕНТ. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Тибқи дастуру супориши Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Панҷакент ба масъалаи пешгирӣ намудани манзилҳои сокинон ва заминҳои кишт аз офатҳои табиӣ тадбирҳо андешида мешавад. Ҳоло нӯҳ селроҳа аз сангу шағал тоза шудааст. Тибқи нақша, дар масоҳати беш аз 9 ҳазор метр соҳилмустаҳкамкунӣ ба анҷом расонида мешавад. Дар натиҷаи соҳилмустаҳкамкунӣ беш аз 200 гектар замини нави корам мавриди истифода қарор мегирад.

## Ниҳолшинонӣ идома дорад

**ВМКБ. (Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»)** Маъракаи ниҳолшинонӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон идома дорад. Ҳоло дар қисмати поёнии рӯдхонаи Панҷ беш аз 14 ҳазор ниҳол шинонда шудааст, ки қариб ду ҳазори он мевадиҳанда аст. Дар навоҳии Дарвоз, Рӯшон, Ванҷ ва шаҳри Хоруғ дар гармхонаҳо гул парвариш мешавад. Танҳо дар маҳаллаи Теми шаҳри Хоруғ дар масоҳати 32 метри мураббаъ гул кишт шуд.

Дар мавзеи Садваги ноҳияи Ванҷ дар масоҳати як гектар, ноҳияҳои Ишкошим, Шуғнон ва Рӯшон бошад, дар масоҳати 0,5 гектарӣ ниҳолхонаҳои нав бунёд ёфтанд.

## Мулоқот бо қаламкашон

**ВОСЕЪ. ( Т.ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Бо ташаббуси раиси ноҳияи Восеъ, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Султон Валиев бо гурӯҳи калони қаламкашони зодаи ноҳия, ки айни ҳол дар расонаҳои хабарии шаҳру навоҳии кишвар фаъолият мекунанд, вохӯрӣ баргузор гардид. Дар вохӯрӣ, ки бо ҳузури фаъолони ноҳия сурат гирифт, аз боби тағйироти ҳаёти иқтисодию иҷтимоии солҳои охири ноҳия, қадршиносӣ гаштани мардони шӯҳратманди он, аз қабили Миралӣ Маҳмадалиев, Абдӣ Авазов, Мирзоалӣ Вайсов, Худоёр Раҷабов, Давлат Гадоев ва нақши зодагони қаламкаши он дар тарғиби дастовардҳо сухан рафт. Дар ҷамъомад раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Акбаралӣ Сатторов низ иштирок карда, андешаҳои хешро оид ба ҳамкасбон баён намуд.

## Омодагиҳо ба олимпиадаи ҷумҳуриявӣ

**ДАНҒАРА. (Т.ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Данғара пас аз иштироки фаъолонаашон дар олимпиадаи мактаббачагони вилоят, ки ба гирифтани 11 ҷойи аввал, 10 ҷойи дуюм ва 25 ҷойи сеюм мушарраф гардиданд, барои иштирок дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ омодагӣ мебинанд. Дар даври ниҳоии олимпиада ҳуқуқи иштирок карданро 23 нафар хонандагони мактабҳои беҳтарини ноҳия соҳиб гардиданд. Мудири Шӯъбаи маорифи ноҳияи Данғара Қурбоншоҳ Абдуллоев дар ин робита ба мо чунин иброз намуд:

- Солҳои охир хонандагони мактабҳои ноҳияи мо дар ҳамаи давраҳои олимпиадаи мактаббачагон ба таври намунавӣ иштирок карда истодаанд. Дар олимпиадаи ҷумҳуриявии соли гузашта хонандагони мо соҳиби чор медали тилло, се медали нуқра ва се медали биринҷӣ гардида буданд, ки дар миёни шаҳру навоҳии кишвар аз нишондодҳои беҳтарин маҳсуб меёбад.

## Ғолибон сарфароз гардиданд

**МАСТЧОҲ.(Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар толори Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мастчоҳ вохӯрии раиси ноҳия А. Ҳикматов бо ҷавонону варзишгарон доир гардид. Зимни суханронӣ раиси ноҳия зикр намуд, ки оянда дар дасти ҷавонон буда, аз онҳо бунёдкориву созандагӣ ва ободкорӣ дар рушди тамоми соҳаҳо тақозо мешавад. Сипас, чор нафар варзишгарони беҳтарин аз ҷониби Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо унвонҳои «Устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон», чор нафар мураббиёни кордида бо ифтихорномаҳои раиси вилояти Суғд ва шаш нафар соҳибкорону раисони федератсияҳо бо тӯҳфаҳои хотиравии раиси ноҳия сарфароз гардонида шуданд.

## Сафи китобхонҳо меафзояд

**ҶАББОР РАСУЛОВ. ( Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Сафи дӯстдорон ва мутолиакунандагони китоб дар ноҳияи Ҷаббор Расулов мефзояд. Айни замон дар китобхонаи марказии ноҳия теъдоди умумии адабиёт 35432 ададро ташкил медиҳад. Бо мақсади баланд бардоштани маънавиёти ҷомеа боз воридоти 2,5 ҳазор китоби нав дар назар аст. Бахши бачагонаи ин китобхона 22960 нусха адабиёт дорад. Танҳо дар се моҳи соли равон зиёда аз 100 нафар дӯстдорони китоб аз ин ганҷи маънӣ баҳравар шудаанд.

*Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум».*
*Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91*

# ДУШАНБЕ - МАКОНИ ИҚДОМОТИ ГЛОБАЛИИ СММ

Шаҳри Душанбе ҳамчун макони татбиқи иқдомоти глобалии СММ дар бахши «Шаҳрҳои бехатар ва рафоқат барои ҳамагон» оид ба Барномаи тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занону кӯдакон дар партави рушди устувори шаҳрҳо интихоб гардид.

Тавре иттилоъ дода мешавад, се агентии СММ: Занон, Хазинаи Кӯдакон ва Хабитат дар татбиқи он масъул гардидаанд.

Душанбе-пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорандаи Ҷоизаи Шаҳри Сулҳи ЮНЕСКО аз рӯйи ҷавобгӯй будан ба талаботи амалкунандаи интихоби институтҳои СММ- мавҷудияти ӯҳдадории баланд аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ, шаҳрдорӣ ва институти намояндагии маҳаллӣ, ҷой доштани воқеияти зарфиятҳои ҳамкорӣ ва таваҷҷуҳи хоса дар шаффофияти фаъолият ва таҷрибаҳои муваффақонаи се агентиҳои СММ: Занон, Хазинаи Кӯдакон ва Хабитат дар он ба ин мавқеъ шоиста дониста шуд.

Ҳамвора бо Душанбе, шаҳрҳои Бейрути Калон (Лубнон), Манила (Филиппин), Марокаш (Марокко), Найроби (Кения), Рио-де Жанейро (Бразилия), Сан-Хосе (Коста-Рика), Тегусигалпа (Гондурас) ба макони татбиқи иқдомоти глобалии мазкури СММ интихоб гардиданд.

Роҳандозии барномаи мазкур дар марҳилаи аввал тайи ду соли пешоянд расидан ба ҳадафҳои беҳсозии омор оид ба хушунат нисбати кӯдакон, ҷавонон ва занон, иттилоъдорӣ ва баланд бардоштани ӯҳдадориҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва имкониятҳои занону кӯдакон ва ҷавонон, зиёд намудани захираву неруи сафарбаршаванда барои ҳимояи занону кӯдакон дар ноҳияҳои гирифтор ба мушкилиро пайгирӣ менамояд.

Баҳри мақсаднок амалисозии барномаи мазкур ҷаласаи мушоваравии шаҳрҳои интихобгардидаи иқдомоти глобалии СММ дар бахши «Шаҳрҳои бехатар ва рафоқат барои ҳамагон» рӯзҳои 8-11 майи соли 2012 дар шаҳри Найроби (Кения) баргузор мешавад.

Душанберо дар ҷаласаи мазкур муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе Насрулло Хайруллоев ва директори Муассисаи давлатии «Маркази худшиносии бонувон дар шаҳри Душанбе» - Шаҳло Ҷӯраева намояндагӣ мекунанд

***Шавкат САИДОВ,***
***котиби матбуотии***
***Раиси шаҳри Душанбе***

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1078/1-489 | Муассисаи давлатии барқӣ ва зеристгоҳҳои Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 12 | 10.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1079/1-490 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Таҷҳизоти техникӣ-оташнишонӣ | номгӯй | 24 | 10.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1080/1-491 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 2276660 | Қисмҳои эхтиётӣ | номгӯй | 12 | 30.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 1081/1-492 | Корхонаи махсуси (казонии) давлатии ҷумҳуриявии «Тиллои тоҷик» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Маводи сохтмонӣ | номгӯй | 19 | 10.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1082/1-493 | Корхонаи махсуси (казонии) давлатии ҷумҳуриявии «Тиллои тоҷик» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 42 | 10.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1083/1-494 | Муассисаи нақлиётии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сӯзишворӣ (бензин ) | маълумоти иловагӣ пешниҳод мешавад | | 10.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 1084/1-495 | «Кохи истиқлол»-и Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 23 | 30.04.2012 соати $10^{30}$ |
| 1085/1-496 | Маркази ҷумҳуриявии барқароркунии саломатии кӯдакон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 9 | 30.04.2012 соати $11^{00}$ |
| 1086/1-497 | Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 28 | 10.05.2012 соати $11^{30}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

**ТАСҲЕҲ**

Дар Даъватномаи иштироки озмун таҳти № 1011/2-336, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 13 апрели соли 2012 таҳти №43 (2870) нашр шудааст, ба ҷойи Раёсати истифодабарии роҳҳои н.Фирдавсӣ, Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи И.Сомонӣ хонда шавад.

# Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СУРОҒАИ КОРХОНА: ШАҲРИ ДУШАНБЕ, ХИЁБОНИ РӮДАКӢ 44 (ОШЁНАИ 2-ЮМ). ТЕЛЕФОН:221-73-74, ФАКС: 221-49-87**

**Музоядаи англисии №1/1-ро оид ба фурӯши саҳмияҳои ба давлат тааллуқдоштаи ҷамъиятҳои саҳомӣ эълон менамояд**

| т/р | Номи ҷамъиятҳои саҳомӣ | Суроға | Намуди фаъолият | Теъдоди саҳмияҳо дар 1 лот | Теъдоди лотҳо (дона) | Ҳаҷми 1 лот дар сармояи оинномавии ҶС (бо фоиз) | Нархи ибтидоии лот (бо сомонӣ) | Қарзҳои кредитории ҶС (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ҶСК «Истаравшанхишт» | вилояти Суғд, шаҳри Истаравшан, кӯчаи Гулистон | истеҳсоли хишт | 539 | 1 | 100 | 1078000 | 365015 |

**Музояда 4 майи соли 2012 соати $10^{00}$ дар шаҳри Душанбе бо суроғаи хиёбони Рӯдакӣ 44 (ошёнаи 2-юм) баргузор мегардад.** Барои иштирок кардан шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ даъват мешаванд. Бақайдгирии иштирокчиён бо суроғаи нишондодашуда дар рӯзи корӣ гузаронида шуда, як соат пеш аз саршавии музояда ба охир мерасад. Музояда мувофиқи «Низомнома дар бораи тартиби фурӯши иншоотҳои моликияти давлатӣ дар музоядаҳо», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №98 аз 1 марти соли 2004 тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад.

Низомномаро аз Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ ва намояндагиҳои (филиалҳои) дар маҳалҳо воқеъбудаи он харидан мумкин аст. Ҳамаи хоҳишмандон ҳуқуқ доранд дар рӯзҳои корӣ бевосита ба корхонаҳое, ки саҳмияҳояшон барои фурӯш дар музояда гузошта шудааст, рафта, бо фаъолияти молиявию хоҷагии онҳо шинос шаванд.

Барои бақайдгирӣ дар музояда иштирокчиён ҳуҷҷатҳои дар Низомнома нишондодашударо пешниҳод менамоянд ва кафолатпулиро ба миқдори 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот пардохт мекунанд. Кафолатпулӣ тариқи нақдӣ дар рӯзҳои корӣ дар суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 (ошёнаи 2-юм) қабул карда мешавад ва як соат пеш аз саршавии музояда қатъ мегардад.

Пардохти ғайринақдӣ ба суратҳисоби 20202972710600000929, ҳисоби муросилотӣ 20402972413691, БИК 350101369, ИНН 020015226 филиали «Ориёнбонк»-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ қабул карда мешавад ва як рӯз пеш аз оғози музояда қатъ мегардад. Кафолатпулие, ки ғолиб супоридааст, ба нархи хариди лот ҳисоб карда мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши саҳмия месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро аз ҷониби ташкилкунандагони музояда бо телефонҳои Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 221-73-74, 221-49-87 гирифтан мумкин аст.

Эзоҳ: **КВД оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дуруст будани қарзҳои кредиторӣ кафолат намедиҳад.**

# Государственное унитарное предприятие по организации продаж государственного имущества Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан

**РАСПОЛОЖЕННОЕ ПО АДРЕСУ: ГОРОД ДУШАНБЕ, ПР. РУДАКИ 44, ТЕЛЕФОН: 221-73-74, ФАКС: 221-49-87**

**Объявляет английский аукцион № 1/1 по продаже принадлежащих государству акций акционерных обществ (АО)**

| п/н | Наименование акционерного общества | Местонахождение | Вид деятельности | Кол-во акций в 1 лот | Кол-во лотов (штук) | Объем 1 лота в уставном фонде АО (в %) | Стартовая цена лота (в сомони) | Кредиторские задолжности АО (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ОАО «Истаравшанхишт» | Согдийская область, город Истаравшан, улица Гулистон | производст-во кирпича | 539 | 1 | 100 | 1078000 | 365015 |

**Аукцион состоится 4 мая 2012 года в $10^{00}$ часов в городе Душанбе по адресу: пр. Рудаки 44 (2-й этаж).** Для участия приглашаются физические и юридические лица. Регистрация участников производится по адресу проведения аукциона в рабочее время и заканчивается за час до начала аукциона.

Аукцион проводится в соотвествии с «Положением о порядке продажи объектов государственной собственности на аукционах» утвержденное Постановлением Правительства Республики Таджикистан за №98 от 1 марта 2004 года. Текст положения может быть приобретен желающими у ГУП по организации продаж госимущества и его территориальных филиалах.

Для ознакомления с финансово-хозяйственной деятельностью предприятий акции, которых выставляются на аукцион, все желающие имеют право доступа на предприятие в рабочее время. Для регистрации участников в аукционе необходимо представить документы указанные в Положении и оплатить гарантийный взнос (ГВ) в размере 350 показателей для расчетов за один лот.

ГВ принимается наличными в рабочее время по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44 (2-й этаж) и заканчивается за час до начала аукциона. Безналичная оплата производится на расчетный счет 20202972710600000929 к/сч. 20402972413691. БИК 350101369. ИНН 020015226. Филиал Ориёбанка района Исмоили Сомони и заканчивается за день до начало аукциона.

ГВ Победителя аукциона засчитывается в счет оплаты цены продажи лот. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продовца комиссионнный сбор в размере пяти процентов и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Дополнительную информацию можно получить по вышеуказанному адресу: телефонам Государственного унитарного предприятия по продаже государственного имущества 221-73-74, 221-49-87.

Примечание: **ГУП по организации продаж государственного имущества Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан не гарантирует достоверность данных кредиторских задолженностей.**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Озмуни №9-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ 11 майи соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Мавқеи ҷойгиршавии объекти иҷора | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора | Мӯҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш. Турсунзода | масоҳати умумии 147 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи 1-уми сехи таъмирию механикии № 2 | истеҳсолӣ | 3404 | 1 сол |
| 2 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш. Душанбе, х. С. Шерозӣ 16 | 6 утоқи корӣ дар ошёнаи 14-ум, масоҳаташ 78,8 $м^2$ | маъмурӣ | 6139 | 1 сол |
| 3 | Институти гастроэнтерология | ш. Душанбе, к. Маяковский 2 | 2 утоқи корӣ, масоҳаташ 25,4 $м^2$ | савдо | 2929 | 2 сол |
| 4 | Муассисаи давлатии обуҳавошиносӣ | ш. Душанбе, к. Ҳаёти нав 373 | масоҳати 30 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди стансияи аэрологии Душанбе дар микроноҳияи 84 | техникӣ | 8568 | 1 сол |
| 5 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш. Душанбе, к. Титов 32/2 | масоҳати 4 $м^2$ аз ҳисоби бинои фурудгоҳ | нуқтаи мубодилаи асъор | 1749 | 2 сол |
| 6 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш. Душанбе, к. Титов 32/2 | масоҳати 4,02 $м^2$ аз ҳисоби бинои фурудгоҳ | нуқтаи мубодилаи асъор | 1758 | 2 сол |
| 7 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона» | ш. Душанбе, х. И. Сомонӣ 59 | 1 утоқи корӣ аз ҳисоби ошёнаи 3-юми бинои № 7, масоҳаташ 11,4 $м^2$ | хизматрасонии тиббӣ | 1682 | 2 сол |
| 8 | Хоҷагии ниҳолпарварии ба номи М. Турсунзодаи ноҳияи Шаҳринав | ноҳияи Шаҳринав, деҳаи Боғистон | 1 утоқи корӣ аз ҳисоби бинои чойхона, масоҳаташ 28,4 $м^2$ | савдо | 1754 | 3 сол |
| 9 | Маркази миллии тиббӣ | ш. Душанбе, хиёбони И.Сомонӣ 59 | 1 утоқи корӣ аз ҳисоби бинои ҷомашӯйхонаи марказ, масоҳаташ 24 $м^2$ | савдо | 1738 | 2 сол |
| 10 | Институти геология, сейсмология ва сохтмони ба зилзила тобовари АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Айнӣ 267 | 2 утоқи корӣ аз ҳисоби бино, масоҳаташ 36 $м^2$ | истеҳсолӣ | 2867 | 1 сол |
| 11 | Муассисаи давлатии «Коллеҷи санъати ш. Душанбе ба номи А. Бобоқулов | ш. Душанбе, к. С. Айнӣ 47 | 3 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-уми бино, масоҳаташ 40,4 $м^2$ | истеҳсолӣ | 1530 | 1 сол |
| 12 | ҶСК «Шахрофар» | ш. Душанбе, к. Ҳусейнзода 34 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 140 $м^2$ | маъмурӣ ва истеҳсолӣ | 12526 | 1 сол |
| 13 | Институти геология, сейсмология ва сохтмони ба зилзила тобовари АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Айнӣ 121 | 4 утоқ дар ошёнаи 2-юм, масоҳаташ 86,4 $м^2$ | истеҳсолӣ | 546 | 1 сол |
| 14 | ҶСК «Суғдиён» | ш. Кӯлоб, х. И. Сомонӣ 1/2 | масоҳати 8,75 $м^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | савдо | 1251 | 1 сол |
| 15 | ҶСК «Суғдиён» | ш. Кӯлоб, х. И. Сомонӣ 1/2 | масоҳати 45,2 $м^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | савдо | 1716 | 1 сол |
| 16 | Филиали БДАТ «Амонатбонк» дар ноҳияи Фирдавсӣ | ш. Душанбе, к.50-солагии Тоҷикистон 19/3 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум аз ҳисоби оҷонсии №028 филиали №06, масоҳаташ 47 $м^2$ | истеҳсолӣ | 1173 | 1 сол |
| 17 | Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии «Захираҳои моддӣ» | ш. Душанбе, к. Абдуллобеков 6/1 | анборхона бо масоҳати 152 $м^2$ | анборхона | 2922 | 1 сол |
| 18 | Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат | ш. Душанбе, к. Борбад 48/5 | 1 утоқи корӣ бо масоҳати 6 $м^2$ | савдо | 713 | 1 сол |
| 19 | Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат | ш. Душанбе, к. Борбад 48/5 | 4 утоқи корӣ бо масоҳати 200 $м^2$ | хӯроки умумӣ | 5829 | 1 сол |
| 20 | Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат | ш. Душанбе, к. Борбад 48/5 | 4 утоқи корӣ бо масоҳати 78 $м^2$ | хӯроки умумӣ | 2285 | 1 сол |
| 21 | КФД ДСМ-3-и КВД «Суғдобсохтмон» | ш. Хуҷанд, к. Салимов 4 | таъмиргоҳи механикӣ бо биноҳои ёрирасон, мошинсарой барои автомашинаҳо, айвон ва анбор, масоҳати умумиаш 1269,7 $м^2$ | истеҳсолӣ | 8304 | 1 сол |
| 22 | Маркази алоқаи почтаи ноҳияи Рашт | н. Рашт, к. С. Бурҳон 54 | 2 утоқи корӣ, масоҳаташ 20 $м^2$ | савдо | 1652 | 1 сол |
| 23 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш. Душанбе, к. Титов 32/2 | масоҳати 45 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди фурудгоҳ | истеҳсолӣ | 13378 | 1 сол |
| 24 | Муассисаи давлатии «Театри давлатии академии драммавии ба номи А. Лоҳутӣ» | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 86 | 3 утоқ дар ошёнаи 2-юм, масоҳаташ 145 $м^2$ бо 5 адад воситаҳои асосӣ | хӯроки умумӣ | 11411 | 2 сол |
| 25 | Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявии ба номи З. Шаҳидӣ» | ш. Душанбе, к. Бухоро 43 | 9 утоқи корӣ дар ошёнаи 3-юм бо масоҳати 337,36 $м^2$ | маъмурӣ | 4217 | 1 сол |
| 26 | Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи А. Нурматов | ш. Хуҷанд, к. Р. Набиев 5 | масоҳати 360 $м^2$ аз ҳисоби бинои ошхона | истеҳсолӣ | 4190 | 2 сол |
| 27 | Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи А. Нурматов | ш. Хуҷанд, к. Р. Набиев 5 | масоҳати 46,70 $м^2$ аз ҳисоби бинои мошинсарой | истеҳсолӣ | 951 | 2 сол |
| 28 | Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи А. Нурматов | ш. Хуҷанд, к. Р. Набиев 5 | масоҳати 14,85 $м^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | истеҳсолӣ | 472 | 2 сол |
| 29 | Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи А. Нурматов | ш. Хуҷанд, к. Р. Набиев 5 | масоҳати 27,23 $м^2$ аз ҳисоби бинои даромадгоҳ | савдо | 749 | 2 сол |
| 30 | Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» | ш. Душанбе, к. Бухоро 43 | 3 утоқи корӣ, масоҳаташ 60 $м^2$ | хӯроки умумӣ | 4293 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии озмун- **ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 44.** Тел: **221-73-74, 221-33-66.**

Озмун **соати 10⁰⁰** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як объект баробар аст.

Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар холати ғолиб баромадан, Иҷорагир ба ҳисоби Корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби Корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши объекти иҷора дохил намешаванд. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун бо нишонии зерин: ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 44, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.






БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

## БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

### Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияи озмуни хариди **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат** (минбаъд-мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Туғдона 12, телефон: **831-36-2-74-70**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмуни хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шӯъбаи фарҳанги шаҳри Ваҳдат | Қолину парда | тибқи дархост | | 8.05.2012 соати 10⁰⁰ |

1.Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақоми Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқаррargardida, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➘ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии гумшуда бо РЯМ 0930034930, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 14 июли соли 2010 ба Уроқов Исломиддин Холмуродович додааст, эътибор надорад.

➘ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, бинои 80/2, ҳуҷраи 38 соли 2011 ба Наимов Алӣ Сафарович додааст, эътибор надорад.

➘ Билети донишҷӯйии силсилаи ДО №7140-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2007 ба Нафасов Далер Зиёдуллоевич додааст, эътибор надорад.

➘ Билети донишҷӯйии силсилаи ДО № 8284-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2008 ба Сафаров Некрӯз Абдуқодирович додааст, эътибор надорад.

➘ Билети донишҷӯйии силсилаи ГО № 8101-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2008 ба Мелибоев Ҳусейн Жахонович додааст, эътибор надорад.

➘ Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ таҳти феҳрасти № 1Ш-842 аз 24 сентябри соли 2008 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Зайнаб Бибӣ, ҳавлии 106 ба Раҳимов Абдуназар Қудратович додааст, эътибор надорад.

➘ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Зайнаб Бибӣ, ҳавлии 106 соли 2008 ба Раҳимов Абдуназар Қудратович додааст, эътибор надорад.

➘ Шиносномаи техникии №5876 ва Шаҳодатномаи бақайдгирии №9275-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Будёний, ҳавлии 33-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 1979 ба Асоев Файзидин Авзалович додааст, эътибор надорад.

➘ Дафтарчаи имтиҳонии №216/98-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ соли 1998 ба Сонгов Холмурод Ятимович додааст, эътибор надорад.

➘ Билети донишҷӯйии силсилаи ГО №7155-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2007 ба Мусоев Маҳмадулло додааст, эътибор надорад.

➘ Билети донишҷӯйии силсилаи ДО №7281-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2007 ба Нуров Туимурод Исматович додааст, эътибор надорад.

➘ Номаи камоли гумшудаи БН-024418, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №35 шаҳри Душанбе соли 1998 ба Мирзоев Зоҳир Тоҳирович додааст, эътибор надорад.

➘ Билети донишҷӯйии силсилаи Г №07001-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2007 ба Амирбекова Меҳринисо Мизробовна додааст, эътибор надорад.

➘ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Ленин (ҳозира Рӯдакӣ) соли 1987 таҳти қайди № 3904 ва рақами инвентарии 45664 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Гулистон, хонаи 155 ба Каримов Насрулло Ҷунайдович додааст, эътибор надорад.

➘ Дафтарчаи имтиҳонии № 4451/10-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ соли 2010 ба Фаридуни Бозор Файзуллозода додааст, эътибор надорад.

➘ Шиносномаи техникии №25965-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Деҳотӣ, хонаи 21/14, ҳуҷраи 26-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 10 сентябри соли 2009 ба Ғоибов Шарофиддин Исмонқулович додааст, эътибор надорад.

➘ Шартномаи хариду фурӯши №1Ш-1270-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Деҳотӣ, хонаи 21/14, ҳуҷраи 26-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 7 августи соли 2009 ба Ғоибов Шарофиддин Исмонқулович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

➘ ҶДММ «Квант», воқеъ дар кӯчаи Беҳзод 9, ҳуҷраи 1, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ Шаҳрванд Раҷабова Рухшона Дустовна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0087372 бо РЯМ 0930028495 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 28 майи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➘ Шаҳрванд Минҳоҷева Шамъигул Ҳусейновна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0046896 бо РЯМ 0730009060 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 23 феврали соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➘ ҶДММ «Ғозиён», дорои РМА 090006542 бо РЯМ 0910000236, воқеъ дар ноҳияи Ҳисор, ҷамоати Қарамқул, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ ҶДММ «Авамекс», дорои РМА 020029559 бо РЯМ 0210000230, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Бухоро, хонаи 19, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ Шаҳрванд Низомов Мизробхон С., ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0106689 бо РЯМ 0930036104 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 6 августи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➘ Хоҷагии деҳқонии «Соҳибкор»-и АХД «Патар»-и шаҳри Конибодом фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ Шаҳрванд Ҷӯраев Марид, ки соҳиби патенти № 0203098 бо РЯМ 0730055196, РМА 075663582 буда, онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 13 январи соли 2012 ба қайд гирифтааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

## ДИҚҚАТ, МУЗОЯДА!

Иҷрочиёни Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе санаи 23 апрели соли 2012 амволи ҳабсшудаи зеринро ба фурӯши музоядавӣ мегузоранд:

- телевизори тамғаи «Supra»;
- маҷмӯи (гарнитури) хонаи хоб;
- маркази мусиқӣ;
- базаи антенаи моҳворавӣ;
- кондитсионер;
- диван, кресло;
- қолинҳои гуногунандоза.

Музояда дар суроғаи: шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳисорак, ҳуҷраи 6 баргузор мешавад. Хоҳишмандон барои маълумоти иловагӣ ба иҷрочиёни Суди ноҳияи Сино бо телефони 235-21-70 муроҷиат намоянд.

## ЭЪЛОН

Иҷрочиёни Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон савдои оммавӣ оид ба амволро, ки аз тарафи иҷрочиёни суд ба ҳабс гирифта шудаанд, санаи 1 майи соли 2012 баргузор менамоянд.

1. Нуқтаи газпуркунӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Чорсӯ, масоҳати умумиаш 98 метри мураббаъ, арзиши ибтидоиаш 25000 сомонӣ.

Хоҳишмандон метавонанд барои иштирок дар савдо ва гирифтани маълумоти иловагӣ ба иҷрочиёни Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Ниёзӣ 37, бо телефонҳои 227-84-56, 93-807-76-73 аз соати 8⁰⁰ то соати 17⁰⁰ муроҷиат намоянд.

Оғози савдо соати 10⁰⁰ ба вақти маҳаллӣ, маблағи пешпардохт барои иштирок дар музояда 5 фоизи нархи ибтидоии амволро ташкил медиҳад.

## ТАСҲЕҲ

Дар даъватномаҳои иштироки озмун таҳти № 1008/2-333, 1009/2-334, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» таҳти № 43 (2870) аз 13 апрели соли 2012 нашр шудааст, дар сутуни предмети харид ба ҷойи «Намаки техникӣ ва қуми шустагӣ», «Либоси махсуси корӣ» сана ва вақти кушодани лифофаҳо 23 апрели соли 2012 ва ба ҷойи «Автомашинаи тамғаи ВАЗ 2107», «Намаки техникӣ ва қуми шустагӣ» сана ва вақти кушодани лифофаҳо 4 майи соли 2012 хонда шавад.

## ЭЪЛОН

Ба диққати шаҳрвандон мерасонем, ки Муассисаи алоқаи почтаи шаҳри Душанбе - Почтамт маъракаи обунаро барои нимсолаи дуюми соли 2012 оғоз намуд. Обуна дар ҳамаи шӯъбаҳои алоқа қабул карда мешавад.

**Маълумот барои тамос:** 221-39-94, 221-66-59

## ТАСҲЕҲ

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки дар Даъватномаи №947/13-173 аз 5 апрели соли 2012, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 6 апрели соли 2012 таҳти № 39-40 (2866-2867) нашр гардида буд, рӯзи баргузории озмун соати 10⁰⁰ 26 апрели соли 2012 хонда шавад.

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи кормандони тандурустии Тоҷикистон аз фавти доктори илми тиб, профессори кафедраи суди тиббии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, сармутахассиси ғайривоҳидии Вазорати тандурустӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, собиқадори меҳнат

**ҒОИБОВ АБДУЛЛО ҒОИБОВИЧ**

андӯҳгин буда, ба аҳли наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои МАРДУМ

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неққадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 18 апрели соли 2012, соати 19.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26794 нусха

Навбатдорони шумора А. Мӯсоев ва Ф. Ҳабибуллоева

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова